**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 67.99(2Т)0
**ТКБ:** 34
**З-96**

**ЗУҲУРЗОДА ШАҲЛО ДАВЛАТМУРОД**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ ФАЪОЛИЯТИ СУЛҲОФАРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

**Душанбе – 2026**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ.

**Муқарризони расмӣ**: **Алимов Суробшо Юсуфшоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянӣ) Тоҷикистон-Россия;

**Мирзозода Шаҳриёр Мунавар –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири бахши умумии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.

**Муассисаи пешбар**: Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия санаи «04» апрели соли 2026, соати $12^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 1, толори шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Email: qobil9498@mail.ru. Тел: 988949405.

Автореферат «___» _________ соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

# МУҚАДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Инсоният дар охири асри XX зери таъсири омилҳои дохилию хориҷӣ ва объективию субъективӣ таърихи ояндаи худро бо роҳҳои мураккаб ва пурпечутоб, бо ном «омилҳои давлати демократӣ» сохтани мешуданд, ки дар асл ноустувории худро дар назди воқеият эҳсос намуда, ба душвориҳои нави ҷаҳонишавӣ, интиқоли иҷбории ҳуқуқу озодиҳо, интиқол ва таҳияи инқилобҳои сохта, афзоиши таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ ба монанди савдои одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, яроқ, афзоиши экстремизм ва терроризм рӯ ба рӯ шуд.

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон дар давраи навини худ, баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ба майдони манфиатҳои рақобатшавандаи давлатҳои абарқудрат табдил ёфт. Ба хусус, кишварҳои абарқудрат ният доштанд, ки дар Тоҷикистон давлати исломиро таъсис диҳанд ва ба сари қудрат гумроҳону хоинони миллатро гузоранд. Миллати тоҷик дар сарҳади бархурди режимҳои исломию дунявӣ, дар муҳити мунокишаҳои манфиатҳои миллӣ, ба эълони истиқлолияти худ пардохт.

Дар натиҷаи талошҳои пайваста ва муборизаҳои тӯлонӣ, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки оғози марҳалаи нави таърихии давлатдории Тоҷикистон гардид.

Сулҳи тақдирсози миллати тоҷик роҳи душвор ва мураккабро тай кард, ки оғози он бо Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Пешвои кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо савганди мардонагии худ, ки бо ибораи «Ман ба Шумо сулҳ меоварам», оғоз гардид, роҳҳои таъмин ва барқарорсозии сулҳ дар кишвар ва ҳамоҳангсозии миллатро бар дӯш гирифт.

Ба шарофати кӯшишҳои пайвастаи панҷсола, ӯ на танҳо ҷангро қатъ намуд, балки дар таъмини сулҳ ва баргардондани муҳоҷирон ба Ватан низ нақши калидӣ гузошт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ӯ миллатро ба ду гурӯҳ – ғолибу мағлуб  ҷудо накард ва савганди худро, ки охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан баргардонид, ба иҷро расонид.

Қобили зикр аст, ки дар роҳи пурошӯбу душвори таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ нақши шахсии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ниҳоят назаррас буд. Шуҷоат, ҷасорати нотакрор, фаросати баланди сиёсӣ ва рӯҳи мардумпарваронаи ӯ сабаб гардид, ки дар шароити хатарноки ҷанг ҷони худро ба хатар гузошта, барои расидан ба сулҳ ва ваҳдати миллӣ талошҳои бемисл намояд. Сафарҳои пурхатар, мулоқотҳо бо ҷонибҳои

мухолиф ва муборизаи пайгиронаи ӯ дар ниҳоят боиси барқарор гардидани сулҳу субот дар саросари Тоҷикистон шуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба низои хонумонсуз хотима бахшида, сохти конститутсиониро дар мамлакат барқарор намуд. Иродаи сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери фишори хоинона ва душманонаи бадхоҳони миллат шикаст нахӯрд ва ӯ тавонист бо ҷасорату далерии худ ба ҷанги бародаркуш хотима бахшида, сулҳу суботро ба мардуми шарифи Тоҷикистон таъмин намояд. Бешубҳа, сулҳе, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миллати тоҷик овард, кафили истиқлолият ва рушди устувори давлатдории навини тоҷикон гашт.

Пешвои миллат дар Пайёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ таъкид намуданд: «Замона бо гузашти ҳодисотвақт бо муборизаҳои бешумор, таърих бо амалҳои зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ собит сохт, ки интихоб саривақти ва дуруст буд. Кунун Тоҷикистон 30-ум баҳори истиқлоли худро паси сар мекунад ва корҳои зиёде дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ба сомон расидаанд» [2].

Бинобар ин, мактаби ҳуқуқии сулҳофаронаи сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълимгоҳест, ки дар марҳилаи бисёр мураккабу печида ташаккул ёфта, мавқеи созандагиву бунёдкорӣ касб намудааст. Ин мактаби сиёсӣ дорои хусусиятҳо мебошад, ки ҳокимият ва муносибатҳои он аз ҷониби ин ниҳоди сиёсӣ бо риояи принсипҳои ҳуқуқӣ-демократӣ амалӣ гашта, манфиати давлату миллат аз ҳама боло гузошта мешавад.

Ҳамзамон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фаъолияти сулҳҷӯёнаи худ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, алалхусус ба Конститутсияи ҶТ такя намуда, сохти конститутсиониро дар Тоҷикистон барқарор ва мустаҳкам намуд.

Дар ин лаҳзаҳои басо тақдирсоз нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади бунёдӣ ва кафили давлатдории ҳуқуқбунёд муҳим арзёбӣ мегардад. Бо пайдо гардидани Қонуни асосӣ, ки бо воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ мутобиқат дорад ва тағйиротҳои даврро ба инобат мегирад, ҷомеа пояҳои устувори ҳуқуқӣ ва давлатиро ба даст меорад. Конститутсия оғози давраи нави ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятиро таъмин намуда, барои тамоми шаҳрвандон, новобаста аз мавқеи сиёсӣ ё иҷтимоии онҳо, ҳатмӣ мебошад.

Бо риояи принсипҳои дар Конститутсия муқарраршуда, дар ҶТ сохтори давлатдорӣ бар асоси таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба се шоха: қонунгузорӣ, иҷроия ва суд ташаккул ёфта, фаъолияти онҳо бо ҳамдигар ҳамоҳанг гардид. Дар натиҷа, санадҳои дорои хусусияти рушддиҳандаи

конститутсионӣ қабул шуда, низоми сиёсии дар Конститутсия пешбинишуда ба таври амалӣ татбиқ гардид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воқеъ ин нақши дутарафаро иҷро намуда, аз як ҷониб, ҳамчун санади мусбат пояҳои сохти давлатӣ ва сиёсиро мустаҳкам кард ва аз ҷониби дигар, қувваи меъёрии ҳокимияти қонунро дар дохили кишвар ва саҳнаи байналмилалӣ таҳким бахшид. Хусусияти фарқкунандаи ин раванди конститутсионӣ дар он буд, ки ҳокимияти нав дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсиву низомӣ ва идомаи ихтилофҳои мусаллаҳона, тавонист на танҳо лоиҳаи Конститутсияро таҳия кунад, балки муҳокимаи васеи ҷамъиятиро ба роҳ монда, онро бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ қабул намояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқи кишварро соҳибихтиёр ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намуда, ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳуриро новобаста аз миллат ва эътиқод муттаҳид месозад. Дар моддаи 6 Конститутсия омадааст, ки халқ ҳокимияти давлатиро бевосита ва тавассути вакилони худ амалӣ менамояд. Ин меъёр таҷассуми принсипи соҳибихтиёрии халқ буда, моҳияти демократику ҳуқуқии давлатро инъикос мекунад.

Ҳамзамон, Конститутсия аз доираи ҷомеаи шаҳрвандӣ қадамҳои ҷиддӣ пеш гузошта, ба рушди плюрализми сиёсӣ ва гуногунандешӣ мусоидат намуд. Тибқи моддаи 28, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ на танҳо дар асоси арзишҳои дунявӣ, балки бо назардошти гуногунандешии ҷомеа иҷозат дода мешавад, ки ин амр ба ташаккули иродаи қонунии халқ ва рушди низоми демократӣ мусоидат менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири ҳифзи пояҳои устувори сохтори конститутсионӣ ва таъмини моҳияти дунявии давлат, ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз сохтори давлатӣ ва манъи дахолати иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимиятро пешбинӣ менамояд. Ҳамчунин, «таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд,манъ мекунад» [1].

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» аз 14 ноябри соли 2016, №1356 мақоми сиёсӣ ва ҳуқуқии Пешвои миллатро ҳамчун «бунёдгузори давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бо мақсади тақвияти асосҳои сохтори конститутсионии ҶТ, истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзӣ, якпорчагии Ватан, суботу пойдории давлати Тоҷикистон, таҳкими демократия, таъмини рушди

иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои таърихии давлатдории миллӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон муқаррар мекунад» [3].

Дар доираи ҳамин ҳадафҳои стратегӣ ва бар мабнои сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна 24 сентябр соли 2024 Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорк дар Мубоҳисаҳои 79-уми умумии Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид иштирок ва суханронӣ намуда, иброз доштаанд, ки «равандҳои пуртазоди геосиёсӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, шиддат гирифтани «ҷанги сард», низоъҳои мусаллаҳона, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва дигар хатару таҳдидҳои глобалӣ, бешубҳа, оқибатҳои манфии дарозмуддат хоҳанд дошт». Дар ин замина, Президенти кишвар пешниҳод намуданд, ки «тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милал «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул карда шавад» [4].

Аз ин лиҳоз, мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ дар он ифода мегардад, ки ҳанӯз дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба масъалаҳои вобаста ба танзими конститутсионӣ-хуқуқии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бошад, таҳқиқотҳои илмӣ бахшида нашудаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми муосир ба масъалаҳои фаъолияти Пешвои миллат, нақши он дар рушд ва инкишофи илми ҳуқуқи конститутсионӣ басо беназир аст. Олимони ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни фаъолияти Пешвои миллатро мавриди омӯзишу таҳлил қарор додаанд. Аммо дар илми ҳуқуқи конститутсионии ҶТ рисолаи алоҳида, ки фарогири пурраи фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон то имрӯз пешниҳод нашудааст.

Аз ин рӯ, зарурати таҳлили амиқ ва васеи тақвияти конститутсионӣ-ҳуқуқии мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва фаъолияти сулҳҷӯёнаи ӯ ҳамчун объекти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ба миён омадааст.

Оид ба баъзе ҷанбаҳои тақвияти конститутсионӣ-ҳуқуқии мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби олимони ватанӣ З. Ализода [12], Ҷ.М Зоир [5], Б.С. Гадоев [18], А.М. Диноршоҳ [19], А.И. Имомов [6], Д. Муродов [13], Э.С. Насриддинзода [20], С.Р. Раҷабов [14], Б.Ҳ. Раззоқов [7], Б.А. Сафарзода [5], (Р.Ш. Сотиволдиев) Р.Ш. Шарофзода [8], Х.Ҳ. Ҳамидов [17], М.С. Ҳайдарова [16], Ф.Т. Тоҳиров [15; 9], А.Ғ. Холиқзода [10], С.Н. Яқубова [11] ва дигарон дар давраҳои гуногун баррасӣ шудаанд.

Вабаста ба мавзуи таҳқиқоти анҷомёфта як қатор олимони соҳаи сиёсатшиносӣ ва таърих ба монанди Г. Зокиров, А. Муҳаммад, А. Satторзода, З. Саидов А. Шарифзода, М. Хидирзода, С.С. Ятимов ва дигарон саҳм гузоштаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур дар доираи нақшаи дарозмуддати корҳои илмию тадқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар ҶТ» барои солҳои 2021-2025 омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқот омӯзиши масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти он ки масоили таҳқиқшаванда гуногунҷабҳа мебошад, иҷрои вазифаҳои зеринро барои расидан ба ҳадафи гузошташуда имконпазир мебошад:

– омӯзиши фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ;

– омӯзиши тақвияти мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон;

– ошкор ва тавзеи самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон;

– таҳлили фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлатӣ-ҳуқуқӣ;

– омӯзиши сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини сулҳ дар хориҷи кишвар.

**Объект таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти илмӣ танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти диссертатсионӣ** танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири се марҳилаи рушди танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мебошад:

1) аз Иҷлосияи XVI Шурои олии ҶТ (аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992);

2) аз қабули Коснтитутсияи ҶТ (6 ноябри соли 1994);

3) аз қабули Қонуни Конститутсионии ҶТ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон» аз 14 ноябри соли 2016, №1356 то инҷониб мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии диссертатсияро корҳои илмие ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масъалаҳои омӯзиши тақвияти мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи ҶТ, таҳлили механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ошкор ва тавзеи самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, омӯзиш фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, таҳлили фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлатӣ-ҳуқуқӣ, омӯзиши сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини сулҳ дар хориҷи кишвар таҳлил шудаанд. Дар таҳияи диссертатсия ба осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ З. Ализода, Е.А. Алимов, М.В. Баглай, Н.В. Бобракова, Э.Б. Буризода, А.А. Вешняков, С.А. Воробева, А.Н. Головистикова, Б.С. Гадоев, Л.Ю. Грудсина, З. Додобоева, А.М. Диноршоҳ, И.В. Евдокимов, Ҷ.М. Зоир, Б.А. Сафарзода, Ф.Т. Тоҳиров, А.И. Имомов, Г.К. Искакова, И.И. Камолов, С.Д. Князев, О.В. Кузнесова, Е.А. Лукашева, А. Маҳмад, М.Н. Марченко, Н.И. Матузов, Н.А. Михалева, М.А. Маҳмудзода, Д.М. Муллоев, Э.С. Насриддинзода, Т. Назаров, С.Ю. Ордомская, А.А. Пронин, Д.С. Раҳмон, Ф.М. Рудинский, М.С. Сулаймонзода, Ш. Саймудинов, Н.А. Тарабан, В.И. Фадеев, А.Ғ. Холиқзода, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, Р.Ш. Шарофзода, Д.Х. Элназаров ва дигарон такя намудем.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Методологияи таҳқиқот ба муқаррароти назарияи маърифат ва назарияи умумии ҳуқуқ асос ёфтааст. Дар раванди таҳқиқот усулҳои зерини илмӣ истифода шуданд: усули диалектикӣ – имкон дод фаъолияти сулҳоварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи конститутсионӣ баррасӣ гардад; усули таърихӣ-ҳуқуқӣ – барои ошкор намудани хусусиятҳои фаъолияти сулҳоварии Пешвои миллат дар давраи ҷанги шаҳрвандии таҳмилшуда ба кор бурда шуд; таҳлили низомӣ – барои муайян кардани нақши фаъолияти сулҳоварии Пешвои миллат дар татбиқи сиёсати хориҷии давлат истифода гардид.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳқиқи мавзуи рисолаи илмӣ як қатор сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо дар самти фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Инчунин, ҳангоми таҳқиқоти илмӣ санадҳои ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки фарогирандаи муносибатҳои дар ин самт мебошанд, ба мисли Конститутсияи ҶТ, қонунҳои соҳавӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низ истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки кори мазкур аввалин таҳқиқоти маҷмуавӣ оид ба танзими ҳуқуқӣ – конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф бо дарназардошти омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ тақвияти мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи ҶТ, таҳлили механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ошкор ва тавзеи самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, омӯзиш фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, таҳлили фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлатӣ-ҳуқуқӣ, омӯзиши сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини сулҳ дар хориҷи кишваро таҳқиқ намудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба чунин далелҳо асос мегардад:

– бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон оташбас эълон намудан, дар шароити вазнини муқобилиятҳои мусалаҳона;

– ташкил намудани гурӯҳҳои корӣ оид ба баргардонидани гурезаҳои берун аз давлатбуда;

– ташкил ва таъмин намудани шароити иқтисодии шаҳрвандон;

– бо роҳҳои гуфтушунид ҳал намудани низоъҳои дохилии давлат берун аз мамлакат;

– бо роҳҳои ҳуқуқӣ–конститутсионӣ барқарор ва таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон.

2. Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат. Ба ин нукта мансуб аст:

– муайян намудани механизми ҳуқуқӣ– конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат, ҳамчун низоми чораҳои давлатие, ки тавассути он мақоми бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаи Пешвои миллат ҳифз ва ҳимоя карда мешавад;

– асоснок намудани он ки мақоми Пешвои миллат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои унсурҳо ва самтҳои зерин мебошад: мустаҳкам намудани соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ; қабули Конститутсияи соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон; барқарор намудани сулҳу ваҳдати миллӣ дар мамлакат; ба имзо расонидани Созишномаи умумӣ оид ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ; таъсиси Парлумони касбӣ ҳамчун ниҳоди олии қонунбарор; муайян намудани принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ.

3. Ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат. Ба ин нукта дохил мешаванд:

– асоснок намудани марҳилаҳои ташаккули қонунгузорӣ дар бораи Пешвои миллат:

а) давраи аввал, аз 25 декабри соли 2015 то соли 2016;

б) давраи дуюм, 14 ноябри соли 2016 то инҷониб.

– пешниҳод оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ:

– Қонуни ҶТ, «Дар бораи кафолати амнияти Пешвои миллат» қабул карда шавад. Зеро, Пешвои миллат, кафили Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, давомот ва пойдории давлат, фаъолияти мутобиқгардида ва ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, риоя гардидани аҳдномаҳои байналмилалии ҶТ буда, амнияти шахсият, ҷамъият ва давлатро таъмин менамояд;

– ба Қонуни конститутсионии ҶТ, «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» мазмуни зерин ворид карда шаванд: дар банди 3 моддаи 1: «меъёрҳои овардашуда ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, татбиқ намешавад»;

– ба Қонуни конститутсионии ҶТ, «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» мазмуни зерин ворид карда шаванд:

а) дар банди 5 моддаи 4 «Ордени «Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон» оид ба таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шавад»;

б) дар банди 2 моддаи 17 «Ҷавобгари барои таҳқир ва пастзании шаъну шараф ва эътибори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» ворид карда шавад;

– ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти конститутсионии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, дар масъалаи «Авф» дар моддаи 58 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шуда, инчунин, дар Қонуни конститутсионии ҶТ, дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат оиди ин масъала моддаи алоҳида ворид карда шавад.

4. Сиёсати сулҳҷӯёнаи байналмилалӣ ва такмили заминаҳои институтсионалӣ. Ба ин нукта мансубанд:

– асоснок намудани сиёсати сулҳҷӯёна ва ватанпарваронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки ба таҳкими сулҳ, суботи дохилӣ ва густариши ҳамкориҳои дӯстона бо ҷомеаи байналмилалӣ равона гардида, дар як қатор ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонӣ таҷассум ёфтааст. Аз ҷумла, бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид «соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза» эълон гардид; барои солҳои 2005–2015 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон шуд; соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» муайян гардид ва барои солҳои 2020–2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», ки ба ҳифзи пиряххо бахшида шудааст», эълон гардид.

– пешниҳоди дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъсиси Институти низоъшиносӣ ва фарҳанги ҳуқуқии сулҳ, ки бевосита барои амалӣ намудани манфиатҳои миллии мо ва омӯзиши муаррифии Сулҳи тоҷикон ба ҷомеаи ҷаҳони зарур мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки маводи диссертатсия доираи фаҳмиши илмии танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат карда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки роҳҳои асосии танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи бунёди давлати иҷтимоӣ муайян кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани он, робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони дигар, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот оид ба мавзуъ, инъикоси объективии мушкилотҳои қонунгузории дар ин самт, таҳлили маводи илмию амалии соҳавӣ, усулҳои гузарондани таҳқиқот, инчунин, мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ифода мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки дар асоси омӯзиши васеи маводҳои илмӣ ва таҷрибавӣ, таърихи пайдоиш ва

инкишоф, танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо пешниҳод намуда, тавассути татбиқи шаклҳои гуногуни ҳокимият муайян намуда, барои такмили қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи номбурда баррасӣ шудааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» - бо маъруза дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат, дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ» (3 декабри соли 2022, ш. Душанбе);

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ – назарияви ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Конститутсия дар рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - бо маъруза дар мавзуи «Мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 2021);

– Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Конститутсия – основа развития эффективной системы государственного управления» - бо маъруза дар мавзуи «Правовая природа парламентаризм Таджикистана в условиях государственной независимости» (ш. Душанбе, 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуқтаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда ва маъхазҳо таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия **186** саҳифаро дар бар мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар муқаддимаи диссертатсия, пеш аз ҳама, мубрам будани мавзуъ асоснок карда шуда, баён мешавд, ки ки ҳанӯз дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба масъалаҳои вобаста ба танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат

Эмомалӣ Раҳмон тадқиқотҳои илмӣ бахшида нашудаанд. Дар муқаддима, инчунин, методҳои таҳқиқот, ки ҳангоми баррасии паҳлуҳои алоҳидаи мавзуъ истифода шудаанд, объекти таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ифодаи худро пайдо намудаанд.

Илова бар ин, дар муқаддима тасвиб ва амалисозии **натиҷаҳо** тавассути конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ, ҳамчунин, нашрияҳо қайд мегарданд, ки қобили қабул ва санҷида шудани натиҷаҳои илмиро собит месозанд.

Боби аввали таҳқиқот - «**Фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун объекти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ»** ду зербоби асосиро дар бар мегирад.

Дар зербоби якуми боби якум - «**Фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ»** таҳқиқ шуда, раванди фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

6 ноябри соли 1992, дар толори Қасри «Арбоб»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки нақши тақдирсоз дар наҷоти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз вартаи ҷанг ва нобудӣ бозид.

Аз нигоҳи илмӣ, ин санади таърихӣ дорои аҳаммияти бузурги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷикро ба ғолибу мағлуб ҷудо накард, барои ваҳдати воқеӣ саъй намуд ва бо садоқат ба савганди худ, то охирин гурезаро ба Ватан баргардонидан миллатро муттаҳид сохт.

Дар заминаи аҳдномаи миллӣ ва ризоияти ҷомеа, давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон тавонист роҳи азнавсозӣ ва рушди устуворро пеш гирад.

Аз моҳи сентябри соли 1992 Тоҷикистон ба гирдоби буҳрони амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гирифтор шуд, ки хатари нобудшавии давлат ва миллатро ба миён овард.

Дар ин давра Президенти онвақтаи кишвар дар натиҷаи муҳосираи неруҳои мусаллаҳи мухолиф дар фурӯдгоҳи Душанбе маҷбур ба истеъфо гардид.

Дар моҳи октябри ҳамон сол, дар пайи авҷ гирифтани ҷангҳои мусаллаҳона миёни гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ, фаъолияти ҳукумат комилан фалаҷ шуда, аъзои он аз мансабҳо даст кашиданд.

Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шароити ниҳоят ҳассоси сиёсӣ баргузор гардид, аз 197 вакил 186

нафари онҳо ба тарафдории роҳбарияти нави Шурои Олӣ бо сардории шахси ҷасур, ватанпараст ва меҳандӯст – Эмомалӣ Раҳмон раъйи мусбат доданд. Бо ин амал, вакилон самти нави сиёсӣ ва таърихии кишварро муайян намуда, таъмини сулҳу салоҳ, таҳкими асосҳои сохтори конститутсионӣ, ободии мамлакат ва беҳбудии зиндагии мардумро ҳадафи асосӣ қарор доданд.

Роҳбарияти нави Шурои Олӣ фаъолияти худро аз ворид намудани тағйиру иловаҳои муҳим ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи афви умумӣ» ва «Дар бораи гурезаҳо» оғоз намуд. Ин иқдомҳо дар он замон ба ҳалли масъалаҳои доғ ва сарнавиштсози миллӣ нигаронида шуда буданд, зеро ба мусоидат ба баргардонидани гурезагон, барқарор намудани сулҳу эътимод ва муътадил сохтани вазъи сиёсию иҷтимоӣ мусоидат намуданд.

Дар ҷараёни кори иҷлосия 74 санади ҳуқуқӣ қабул гардид, ки аз ҷумлаи онҳо 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва 1 изҳорот мебошанд. Ин санадҳо, аз як тараф, салоҳият ва ваколатҳои конститутсионии Шурои Олиро исбот намуданд ва аз ҷониби дигар, заминаи ҳуқуқӣ ва стратегӣ барои рушди минбаъдаи давлат ва ҷомеа гузоштанд.

Маҷмуи қонунҳо ва қарорҳои қабулгардида нақши барномаи муассири сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро иҷро намуданд. Зеро маҳз дар заминаи онҳо ташаккули бунёдҳои асосии сохтори конститутсионӣ, таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ ва ба роҳ мондани сиёсати миллии муосир оғоз шудааст.

Дар шароити баъдиҷангӣ, Тоҷикистон барои пешрафт ва суботи минбаъдаи худ ба чунин дастури муназзам ва илмӣ-асоснокшуда эҳтиёҷ дошт, ки онро Иҷлосияи XVI таъмин кард.

Роҳбарияти нави Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон баъд аз ҷамъбасти Иҷлосия ба шаҳри Душанбе омад, ки шароити сокинони шаҳр чи аз тарсу ваҳми қувваҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, беҳокимиятӣ, бетартибӣ дар хонаҳои худ пинҳон буда, ҳатто нони хӯрдан пайдо кардан мушкил буд. Лекин ба ин мушкилоти рӯзгор нигоҳ накарда, Роҳбарияти тозаинтихоби Олии Ҳукумат бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама, бо барномаи муҳимми сиёсӣ ба халқи шарифи кишвар муроҷиат намуданд, ки бояд ҳарчи зудтар дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон ҳокимияти конститутсионии нав интихобшуда бо мақомоти идоракунии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барқарор карда шаванд, гурезаҳо ба шаҳру деҳот ва манзили худ баргардонида шуда, бо сару либос, хӯрокворӣ таъмин шаванд. Фаъолияти мунтазами корхонаҳову муассисаҳо, хоҷагиҳо барқарор

карда шуда, Артиши миллӣ таъсис дода шавад ва амнияти давлатӣ таъмин гардад.

Қарорҳои мазкур масъалаҳои афви умумӣ, халъи силоҳ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини мардум бо маводи ғизоӣ, афзоиши маош ва барқарорсозии робитаҳои байналмилалиро фаро мегирифтанд.

Бо ин роҳ, роҳбарияти кишвар кӯшиш намуд, ки механизми идоракунии давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқро эҳё ва мустаҳкам созад, то вазъи дохилии кишвар ба суботи устувор расад.

Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи пурмашаққат ва сарнавиштсоз шуҷоату ҷасорати бемисл, фаросати сиёсӣ, мардумпарварӣ, ватанпарастӣ ва миллатдӯстии Эмомалӣ Раҳмон нақши ҳалкунанда бозид. Маҳз ҳамин сифатҳо ва садоқати беғаразона нисбат ба Ватан буданд, ки ӯ бо ҷасорати комил ҷони худро дар хатар гузошта, сафарҳои пурхатар ва музокироти душворро барои барқарории сулҳ ва ваҳдати миллӣ анҷом дод. Дар натиҷа, сулҳу субот ва ризоияти миллӣ дар саросари Тоҷикистон барқарор гардид.

Таҳлили татбиқи санадҳо ва маромномаҳои Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар нишон медиҳад, ки натиҷаҳои он дорои арзиши таърихӣ ва амалии бузурганд, ки то имрӯз низ барои таҳкими давлатдорӣ, суботи иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ аҳаммияти худро нигоҳ медоранд.

Дар асоси омӯзиши ин таҷрибаи нодир метавон ба хулосаи зерин омад:

1. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ ва таъмини сулҳу субот дар кишвар буд.

Дар натиҷаи татбиқи қарорҳои қабулшуда ва сиёсати сулҳофаронаи роҳбарияти нав, дар солҳои 1993-2000 ҳамагӣ 950 599 нафар гурезагон ба ҷойҳои доимии зисти худ баргардонида шуданд. Аз ин шумора, аз давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил – 201 601 нафар, аз Афғонистон – 51 345 нафар ва аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон – 697 653 нафар буданд.

Ин дастоварди бузург нишон медиҳад, ки сиёсати инсонпарварона ва хирадмандонаи Пешвои миллат дар роҳи барқарорсозии сулҳу ваҳдат самари назаррас ба бор овард.

2. Самти муҳимми дигари фаъолияти Иҷлосия таъмини сулҳу оромӣ, ризоияти саросарӣ ва ваҳдати миллӣ буд.

Аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар як қатор кишварҳо, аз қабили Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон,

Қирғизистон, Россия ва Туркманистон – нуҳ даври музокирот ва шаш мулоқоти сатҳи олӣ байни тоҷикон баргузор гардид.

Дар натиҷаи ин музокирот 40 санади муҳимми сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба имзо расид, ки муҳимтарини онҳо «Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» мебошад. Ин санад асоси пойдории сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар мамлакатро гузошт.

3. Дар Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ раванди қонунгузории давраи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол оғоз ёфт.

4. Баъди имзои созишномаҳо бо мухолифин, зарурати ба низом даровардани муносибатҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба миён омад. Барои Тоҷикистон қабули Конститутсияи нав хеле муҳим буд, зеро қонунҳои пешина дигар ба шароити нав мувофиқ набуданд.

Дар тӯли 34 соли истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марҳилаҳои душвори сиёсӣ ва иқтисодӣ гузашта, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот намуд, ки миллати тоҷик бо роҳбарии фарзанди фарзонааш Эмомалӣ Раҳмон миллати сулҳпарвар, фарҳангдӯст ва созанда мебошад. Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, мушкилоти иқтисодӣ ҳанӯз пурра рафъ нагардидаанд. Тоҷикистон то ҳол дар марҳилаи ниҳоии ислоҳоти иқтисодӣ қарор дошта, суръати рушди иқтисодӣ ва сатҳи рақобатпазирии истеҳсолот ба дараҷаи қонеъкунанда нарасидааст.

Имзои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон оғози воқеии ваҳдати миллӣ ва эҳёи давлатдории ҳуқуқбунёд буд. Ин рӯйдод эҳсоси худшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ –Парчам, Нишон ва Сарудро таҳким бахшид.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ итминон ҳосил кард, ки Тоҷикистон бо роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон роҳи сулҳ, рушди демократия ва бозсозии иқтисодиро интихоб намуд.

Барқарории сулҳ иҷрои Конститутсия ва қонунҳоро дар саросари кишвар таъмин намуда, ба қумондонсолорӣ хотима дод. Мардуми тоҷик дарк карданд, ки танҳо бо роҳи сулҳ ва иттиҳод метавонанд ваҳдатро ҳифз ва Ватанро обод созанд.

Дар давраи баъдӣ бо ибтикори Сарвари давлат, бозсозии иқтисодӣ, таҳкими демократия, гуногунандешӣ ва озодии матбуот рушди назаррас ёфта, пояҳои ваҳдати миллӣ мустаҳкам гардиданд.

**Дар зербоби дуюми боби якум - «Фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлати ҳуқуқбунёд»** таҳлил гардида, саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти

таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити муоссир баррасӣ мегардад.

Дар охири асри XX ва аввалҳои асри XXI дар қаламрави собиқ империяи Шуравӣ воқеияти нави геополитикӣ ва ҳуқуқӣ бо ном фазои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омад. Давлатҳои соҳибистиқлоли ба вуҷуд омадаро лозим меомад масъалаҳои мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиро ҳал намуда, дар ҷустуҷӯ ва дарёфти масъалаҳое илми таҳқиқоти аз қабили чӣ тавр дар шароити сулҳу осоиштагӣ бо дигар давлатҳо зистан, эҳтироми динӣ, таъмини сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ, устувории тағйиротҳои демократӣ бошанд.

Дар ин асно, таҳқиқоти илмӣ-конститутсионии таҳқиқи моҳияти фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва мазмуни сохти давлатдорӣ метавонад дар ҷустуҷӯи ҷавобҳо ёрӣ расонад, аз хатогиҳои роҳдода хулосаҳо бароварада, муваффақиятҳои аз ёд рафтаро дар ҷодаи сулҳи тоҷикон, дар доираи таҳқиқоти мазкур асоснок намуд.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (27 июни соли 1997) оғози марҳилаи нав дар таърихи сиёсӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистон гардид. Санад ҳуҷҷати меъёрӣ буда, асосҳои ҳуқуқии ваҳдати миллӣ ва суботи давлатиро таҳким бахшид. Бо татбиқи он давлати соҳибистиқлол тавонист ҳувияти ҳуқуқии худро барқарор намуда, принсипи волоияти қонун ва қонуниятро дар тамоми қаламрави кишвар мустаҳкам созад.

Созишнома, ки бар пояи гуфтушунидҳои байниҳукуматӣ ва сиёсӣ таҳия шуда буд, ба ҷаҳониён исбот намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати сулҳпарвар ва ҳуқуқбунёд қодир аст тавассути роҳҳои қонунӣ ва мусолиҳатомез ба суботи миллӣ бирасад.

Сулҳи тоҷикон на танҳо давлату миллатро наҷот дод, балки дар дили насли ҷавони тоҷик умед ба ояндаи нек, хушбахтӣ, саодат, некномӣ ва ваҳдати ногусастаниро зинда намуда, ба омода сохтани асосҳои сохти конститутсионии давлатдори шуруъ намуд.

Дар солҳои аввали истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди дахолати неруҳои хориҷӣ ва гурӯҳҳои мусаллаҳи дохилӣ қарор гирифт. Онҳо бо истифода аз усулҳои таблиғотӣ ва сиёсии даврони гузашта қонунмандии конститутсионӣ ва амнияти миллиро халалдор намуда, кишварро ба ҳолати ҷанги таҳмилӣ бурданд.

Мувофиқи маълумоти расмӣ, ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон бо талафоти бузурги инсонӣ ва иқтисодӣ анҷом ёфт. Беш аз 150 ҳазор нафар ҷони худро аз даст доданд, тақрибан як миллион шаҳрванд гуреза гардиданд. Ба иқтисоди миллӣ зиёни зиёда аз 10 миллиард

доллари ИМА расид. Тахрибі беш аз 30 ҳазор хона ва садҳо иншооти иҷтимоиву давлатӣ боиси суқути сохтори иҷтимоии кишвар ва заифшавии идоракунии давлатӣ гардид.

Ҷанги таҳмилӣ, ки бо иштироки қувваҳои манфиатдори хориҷӣ ва шарикони дохилии онҳо сурат гирифт, ба мақсади аз байн бурдани давлатдории тоҷикон равона шуда буд.

Дар ин замина, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳамчун санади таърихӣ исбот намуд, ки миллати тоҷик халқи бофарҳанг, ватандӯст ва сулҳпарвар дар сахттарин шароити сиёсӣ ва иҷтимоӣ тавонист якпорчагии миллӣ ва иродаи сиёсии худро ҳифз намояд. Ҷомеаи тоҷикон роҳи мусолиҳа ва гуфтушуниди сулҳомезро интихоб кард, аз зӯроварӣ ва муқовимати мусаллаҳона даст кашид ва сиёсати сулҳҷӯёнаи Ҳукумати ҷумҳуриро ба хотири таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ самимона дастгирӣ намуд.

Дар ин ҷараён зиёиёни кишвар, созмонҳои ҷамъиятӣ, рӯзноманигорон, фаъолони иҷтимоӣ ва пеш аз ҳама модарону хоҳарон нақши муассир ва тақдирсоз бозиданд. Онҳо бо даъвати ҷомеа ба таҳаммул, ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ барои таҳкими фазои эътимод ва суботи иҷтимоӣ саҳми арзанда гузоштанд.

Имзо ва татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози марҳилаи навини тақвияти ваҳдати миллӣ ва эҳёи арзишҳои давлатдории миллӣ гардид. Ин санади сарнавиштсоз ба таҳкими худогоҳӣ, эҳтиром ба муқаддасоти давлатӣ, ба мисли парчам ва нишонҳои миллӣ, инчунин, ба рушди демократия, таҳаммулпазирӣ ва гуногунандешӣ мусоидат намуд.

Дар фазои сулҳу суботи бадастомада фаъолияти ҳизбу созмонҳои гуногун, аз ҷумла ҳизбҳои дорои моҳияти динӣ низ имконпазир гардид. Маҳз ҳамин озодӣ нишон дод, ки дар кишвар фазои воқеан демократӣ ва ҳуқуқбунёд ҳукмфармо буд. Бо вуҷуди ин, баъзе гурӯҳҳо бо сӯиистифода аз ин имкониятҳо кӯшиш карданд, ки бо роҳи табаддулот сохти конститутсиониро халалдор намоянд, ки он худ далели таҳаммулпазирии сиёсати давлатӣ ва сатҳи баланди демократия дар ҷомеа мебошад.

Имзои Созишномаи умумӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ низ паёми возеҳ буд. Он нишон дод, ки мардуми Тоҷикистон сохти давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дуняивиро интихоб кардаанд. Дар натиҷа, ҷомеаи байналмилалӣ ба сиёсати сулҳҷӯёнаи Тоҷикистон итминон ҳосил намуда, кишварҳои мухталиф омодагии худро барои ҳамкорӣ ва

сармоягузорӣ дар рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ изҳор намуданд.

Пас аз барқарор гардидани Ваҳдати миллӣ ва сулҳи сартосарӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди рушди демократия, гуногунандешӣ, таҳаммулпазирӣ ва озодии сухан ба марҳилаи сифатан нав ворид гардид. Ташаккули тафаккури миллӣ ва фарҳанги сиёсӣ ба таҳкими ваҳдати ҷомеа ва пойдории сулҳ мусоидат кард.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва фазои кушодаи иттилоотӣ, ҳанӯз ҷомеаи тоҷикӣ то ба охир сангҳои таҳдоби маънавию арзишии худро, ки ба талаботи давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мутобиқ бошанд, пурра таҳия накардааст. Ин масъала, аз ҷумла, яке аз муҳимтарин вазифаҳои стратегӣ дар самти таҳкими пояҳои маънавии давлатдорӣ ба шумор меравад.

Дар ҷомеаи муосир як қатор арзишҳо ва асосҳои маънавию ҳуқуқии роҳнамо, ки метавонистанд пояи рушди устувори ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил диҳанд, аз ҷониби баъзе гурӯҳҳо бо дидгоҳҳои маҳдуд ва таассуби соҳавӣ ба таври лозим таҳқиқ ва рушд дода нашуданд. Ҳамин тавр, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, илмӣ ва амалии ин арзишҳо, ки барои таҳкими суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ аҳаммияти хос доранд, то ҳол дар сатҳи илмӣ ва оммавӣ мавриди таҳлил ва таблиғи кофӣ қарор нагирифтаанд.

Бисёр шаҳрвандоне, ки худро фарзанди ҳақиқии ин сарзамин медонанд, имрӯз масъулияти шахсии худро дар ҳифзи сулҳи ба дастомада, таҳкими муҳити сиёсӣ ва маънавӣ эҳсос мекунанд. Онҳо аз ифротгароӣ, дуршавӣ аз арзишҳои миллӣ ва бетарафии аҳли дин ва илму фарҳанг нигаронанд. Ҳамин нигаронӣ нишонаи он аст, ки ҷомеа ҳанӯз дар ҷустуҷӯи мавқеи устувори маънавӣ ва тавозуни арзишҳо қарор дорад.

Яке аз рукнҳои асосии пояҳои давлатдории миллӣ – истиқлолияти давлатӣ мебошад. Истиқлолият на танҳо бо эълони расмии соҳибихтиёрӣ ё қабули санадҳои ҳуқуқӣ ифода мeёбад, балки татбиқи воқеии ҳуқуқи халқ ва миллат ба таъсиси ҳокимияти мустақили давлатӣ ва шомил гардидани он ҳамчун субъекти соҳибихтиёр ба низоми муносибатҳои байналмилалист.

Дар солҳои аввали истиқлолият, давлатҳои нав ба истиқлолрасида ба умеди ҳамкории самимӣ бо ҷаҳони беруна манфиатҳои миллии худро бо ошкорӣ иброз менамуданд, аммо дертар маълум шуд, ки дӯстиҳо ва пуштибониҳои зоҳирӣ ҳамеша беғараз набуданд.

Воқеият чунин буд, ки зери пардаи оромӣ равандҳои ноаён ва зиддиятҳои пинҳонӣ амал мекарданд, ки метавонистанд суботу истиқлолияти давлатҳои ҷавонро зери хатар гузоранд.

Давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар натиҷаи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ба истиқлолияти худ ноил гардиданд, дар марҳалаи аввал имкон ва таҷрибаи кофӣ барои дарки амиқи вазъи нави геополитикӣ надоштанд. Истиқлолият ба таври ногаҳонӣ ва дар шароити мураккаби сиёсӣ ба даст омада, таҳлили оқибатҳои эҳтимолии он ниёз ба замон дошт. Аз ин рӯ, маҳз Тоҷикистон аввалин кишваре буд, ки ба гирдоби буҳрони сиёсӣ ва низоъҳои дохилӣ кашида шуд.

Бо шарофати Сарварии фарзанди фарзонаи миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мардуми Тоҷикистон ва ҳукумати кишвар тавонистанд бо роҳи ҳамгирой, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдат аз ин ҳолати ниҳоят хатарнок берун оянд.

Бо қабули Конститутсияи соли 1994, Тоҷикистон худро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, дунявӣ ва ягона муаррифӣ кард. Интихоби ин модел натиҷаи таҳлили амиқи вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии дохилӣ ва байналмилалӣ буд. Он ягона роҳи наҷот ва муаррифии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақили миллӣ дар харитаи сиёсии ҷаҳон гардид.

Бо вуҷуди ин, кишвар бо мушкилоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ монд. Буҳронҳои гуногун ва унсурҳои номуайян, ки метавонанд ба пойдории давлатдорӣ ва ҳуқуқи миллӣ таъсир расонанд, то ҳол пурра рафъ нашудаанд. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки роҳи давлатсозии миллӣ равандест тӯлонӣ ва ниёзманд ба таҳкими минбаъдаи пояҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи стратегӣ ва модели давлатдории худро муайян намудааст. Аммо татбиқи ин роҳ, ки «мошини давлатӣ» бояд қудрати идора ва пешбурди борҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро дошта бошад, ниёз ба таҳлили илмӣ ва баррасии мукаммал дорад.

Ин раванд таҳқиқи ҳамаҷонибаи соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқиро талаб мекунад, зеро пешрафти минбаъда бе асосҳои илмӣ ва таҷдиди назар дар усулҳои идоракунии давлатӣ имконнопазир аст.

Боби дуюми таҳқиқот «**Нақши фаъолияти сулҳофарии Пешвои миллат дар сиёсати хориҷӣ**» аз ду зербоб иборат буда, дар худ таҳлили

ҳамаҷонибаи фаъолияти сулҳофарии Пешвои миллатро дар сиёсати хориҷӣ дар бар мегирад.

Дар зербоби аввали боби дуюм -»**Сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини сулҳ дар хориҷи кишвар»** баррасӣ шудааст.

Муаллиф дар ин зербоб бо такя ба далелҳои таърихӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ баён медорад, ки сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо ҷавоб ба бuҳрони дохилии солҳои аввали истиқлолият буд, балки ҳамчун падидаи барҷастаи дипломатия ва давлатсозӣ дар миқёси минтақавӣ ва ҷаҳонӣ арзёбӣ мешавад.

Дар шароите, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ба вартаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ғӯтид, низоми давлатӣ фалаҷ шуд, ҳокимият пароканда гардид, қонунмандӣ аз байн рафт ва истиқлолияти ҷавон таҳти хатар монда буд, маҳз иродаи сиёсӣ, устуворӣ, хирад ва масъулияти роҳбари тозаинтихоб Эмомалӣ Раҳмон  Тоҷикистонро аз нобудӣ раҳо сохт.

Дар оғози солҳои 1990-ум ҷомеаи тоҷикон муҳтоҷи роҳбарияти сиёсие буд, ки қудрат, шуҷоат, қаноатмандӣ аз манфиатҳои миллӣ ва салоҳият дошта бошад. Дар ин давра, вақте ки вазъияти ҳарбӣ ба ҳадде расида буд, ки идомаи муқовимати мусаллаҳона метавонад ба нест шудани генофонди миллат оварда расонад, сафҳо ҷудо шуда, давлатдорӣ зери хатар буд, аз миёни роҳбарон танҳо шахсияти Эмомалӣ Раҳмон қудрати ҷамъ овардани ҷомеа, ором кардани вазъ ва ташкили равандҳои сулҳро нишон дод.

Ба ҳамин хотир, Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ба нуқтаи гардиши сиёсӣ мубаддал гашт, ки дар он роҳбари нав шиори таърихии «Ман ба Шумо сулҳ меорам»-ро пешниҳод намуда, тамоми сиёсати давлатро ба сӯи сулҳу ризоият равона сохт.

Муаллиф баён медорад, ки сиёсати сулҳҷӯёна аз рӯзҳои аввал бо чанд принсипи асосӣ бунёд шуд: авлавияти ҳифзи давлатдорӣ, ҷилавгирӣ аз парокандагии ҷомеа, ҷалби тамоми гурӯҳҳои даргир ба муколама, тақвияти қудрати давлат дар барқарорсозии амният ва истифодаи фаъоли дипломатия барои ба даст овардани дастгирии байналмилалӣ. Ин сиёсат аз як тараф тавассути иродаи қавии дохилӣ ва аз ҷониби дигар бо такя ба имкониятҳои хориҷӣ амалӣ мегардид.

Дар навишта таъкид мешавад, ки нақши Федератсияи Россия дар ин раванд хеле муҳим буд. Тавассути неруҳои сулҳнигоҳдори ИДМ, бахусус дивизияи 201-уми Россия, ҷараёни ҷанг аз шиддати бештар нигоҳ дошта шуд. Онҳо хатти сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистонро муҳофизат карданд, ки худ ҷилавгирӣ аз воридшавии

садҳо гурӯҳҳои мусаллаҳи ифротӣ ва террористиро таъмин намуд. Илова бар ин, Россия ва кишварҳои ИДМ бо роҳандозии протоколҳо ва созишномаҳои гуногун фазои зарурии амниятиро барои гуфтушунидҳои минбаъда фароҳам сохтанд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки саҳми СММ яке аз ҷузъҳои асосии раванд буд. Миссияҳои махсуси Котиби генералӣ, намояндагони сиёсӣ, нозирони ҳарбӣ ва гурӯҳҳои мутахассисони байналмилалӣ мушкилоти кишварро ҳамаҷониба омӯхта, барои роҳандозии гуфтугӯ миёни ҷониби давлатӣ ва мухолифин шароити воқеӣ фароҳам оварданд. СММ аз аввал то охири музокирот, аз қабули қарори қатъи оташбас то имзои Созишномаи умумии соли 1997, нақши доварӣ ва миёнаравиро иҷро намуд.

Муаллиф, инчунин, барҷастагии нақши САҲА-ро дар ташкили муколама, тавсеаи арзишҳои демократӣ ва таҳкими принсипҳои ҳуқуқи инсон дар давраи буҳронӣ нишон медиҳад. Миссияи САҲА ба ҷараёни таҳияи Конститутсия, гузаронидани интихоботи баъдиҷангӣ, ташкили гурӯҳҳои муҳокимавӣ ва назорати равандҳои сиёсӣ мусоидат кард.

Таъкид мешавад, ки фаъолияти дипломатии Пешвои миллат дар ин марҳила на ба ҳаллу фасли низоъи дохилӣ маҳдуд шуд, балки ба таҳкими равобити хориҷӣ, ҷалби кумакҳои молиявӣ барои барқарорсозии кишвар, эҳёи инфрасохтор ва таъмини суботи иҷтимоӣ низ равона гардида буд. Дар ҳамкории зич бо созмонҳои байналмилалӣ аз Бонки Ҷаҳонӣ то ХБА, Бонки Исломии Рушд то USAID ба Тоҷикистон садҳо миллион доллар барои барқарорсозӣ, бозсозии роҳҳо, мактабҳо, беморхонаҳо, энергетика, кишоварзӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ ҷудо карда шуд. Маҳз тавассути ин дипломатияи фаъол, Тоҷикистон тавонист аз бӯҳрони сангини иқтисодӣ, камбуди озуқаворӣ ва оқибатҳои офатҳои табиӣ раҳо шавад.

Муаллиф бо истинод ба далелҳои пешниҳодшуда ба хулоса меояд, ки сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат асоси давлати муосири тоҷиконро гузошт. Бо қабули Конститутсияи соли 1994, эҳёи сохторҳои давлатӣ, баргузории аввалин интихоботи президентӣ ва парлумонӣ, татбиқи барномаҳои васеи иқтисодӣ, таъсиси ниҳодҳои амниятӣ ва дипломатӣ, Тоҷикистон ба марҳилаи нави давлатдорӣ ворид гардид. Сулҳи тоҷикон аз рӯйи моҳият таҷрибаи нодири созиши миллӣ ва дипломатияи давлатбунёдӣ буда, ба ҳайси намунаи муваффақи ҳаллу фасли мунокишаи дохилӣ дар миқёси ҷаҳон эътироф шудааст.

Аз нигоҳи муаллиф, аҳаммияти сиёсати сулҳҷӯёна танҳо дар қатъи ҷанг ё барқарор кардани амнияти ҷисмонӣ набуд. Ин сиёсат ҳамчун стратегияи дарозмуддати таҳкимбахшандаи пояҳои давлатдорӣ, созандаи тафаккури миллӣ, эҳёи суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ ва кафолатбахши амнияти минтақа баромад намуд. Ба ҳамин хотир, фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти илмӣ ҳамчун намунаи барҷастаи роҳбарӣ дар шароити буҳронӣ арзёбӣ мегардад. Ин сиёсат бо хислатҳои умумибашарӣ, хирадмандии сиёсӣ, масъулияти миллӣ ва такя ба иштироки ҷомеаи байналмилалӣ фарқ мекунад ва барои таҳкими сулҳу субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ аҳаммияти назаррас дорад.

Муаллиф бо ин назари илмӣ хулоса мекунад, ки равандҳои таҳлилгардида нишон медиҳанд: сулҳи тоҷикон ҳодисаи тасодуфӣ набуд, балки натиҷаи дипломатияи бисёрқабата, иродаи сиёсӣ, дастгирии мардум ва сиёсати пайгиронаи муттаҳидсозандаи Пешвои миллат аст. Ин раванд имрӯз низ ҳамчун асоси устувории сиёсати хориҷӣ ва дохилии кишвар хизмат мекунад, зеро принсипҳои созиш, муколама, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва сулҳпарварӣ дар маркази сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

**Зербоби 2.2. ба «Ташаббусҳои байналмилалии сулҳофарии Пешвои миллат»,** аз ҷумла таҳлилу шарҳи ибтикорҳои ҷаҳонии сулҳ, амният, обу иқлим ва нақши онҳо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Муаллиф дар зербоби мазкур баён медорад, ки ташаббусҳои байналмилалии сулҳофаронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ба яке аз равандҳои муҳимми сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфта, Тоҷикистонро ба маркази баррасии масъалаҳои мубрами башарият, аз ҷумла таъмини сулҳу амният, мубориза бо таҳдидҳои муосир ва ҳалли мушкилоти глобалии обу иқлим мубариз сохтаанд. Аз рӯйи моҳият, ин ташаббусҳо на танҳо идомаи мантиқии фарҳанги ваҳдатофар ва сулҳпешаии миллати тоҷик мебошанд, балки ҳамчун намунаи барҷастаи дипломатияи муосир ва ҳиссаи арзандаи Тоҷикистон ба амнияти умумибашарӣ арзёбӣ мешаванд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки саҳми Пешвои миллат дар ташаккули ин ташаббусҳои байналмилалӣ дар замоне оғоз ёфт, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба давраи тағйирёбии ҷиддии сиёсиву ҷуғрофӣ, шиддат гирифтани низоъҳои минтақавӣ, паёмадҳои тағйирёбии иқлим, камбудиҳои системавӣ дар низоми байналмилалии молиявӣ ва афзоиши таҳдидҳои нави глобалӣ ворид шуда буд. Дар чунин вазъият, дар миёни сиёсмадорони сатҳи ҷаҳонӣ кам буданд шахсоне, ки

тавонистанд аз доираи танги манфиатҳои маҳдуд берун рафта, ба масоили умумибашарӣ аз нуқтаи назари инсондӯстона ва стратегӣ баҳо диҳанд. Маҳз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд, ки бо диди геосиёсии хос, таҷрибаи сулҳофарии миллӣ ва ҷаҳонбинии башардӯстона ба саҳнаи калидии дипломатияи ҷаҳонӣ ворид шуда, масъалаҳои муҳимми глобалӣ, махсусан бахши обу иқлим ва сулҳу амниятро ба маркази баррасиҳои сатҳи байналмилалӣ табдил доданд.

Муаллиф ишора мекунад, ки беш аз панҷ ташаббуси байналмилалии Президенти Тоҷикистон дар соҳаи об ва рушди устувор аз ҷониби СММ қабул гардида, ба барномаҳои расмии ин созмони бонуфуз ворид шудаанд. Ин иқдомҳо обрӯю эътибори байналмилалии Тоҷикистонро ба сатҳи нав бароварда, кишвари моро ба яке аз саҳмгузорони асосии ташаккули сиёсати ҷаҳонӣ дар бахши идоракунии захираҳои об табдил доданд. Ин ташаббусҳо, аз ҷумла «Соли байналмилалии оби нӯшокӣ», «Даҳсолаи амалиёти об барои ҳаёт», «Даҳсолаи байналмилалии амал – «Об барои рушди устувор» ва баргузории Конфронсҳои байналмилалии сатҳи баланд дар Душанбе, намунаи равшани онанд, ки Тоҷикистон тавонист таваҷҷуҳи давлатҳо ва институтҳои глобалиро ба мушкилоти умдаи башарият равона созад.

Дар матн таъкид мешавад, ки таваҷҷуҳи Пешвои миллат танҳо ба масоили экологӣ маҳдуд намешавад; баръакс, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи сулҳу амниятро ҳамчун меҳвари тамоми сиёсатҳои кишварҳои ҷаҳон арзёбӣ намуда, пайваста ҷомеаи байналмилалиро ба муттаҳидӣ ва талоши дастаҷамъона барои аз байн бурдани низоъҳо, ҷилавгирӣ аз ҷангҳо ва таҳкими субот даъват мекунанд. Махсусан, суханронии Сарвари давлат дар ҲамоишиОяндаи СММ (23 сентябри соли 2024, Ню-Йорк) ин мавқеи устуворро боз ҳам возеҳтар намуд. Дар ин суханронӣ Пешвои миллат вазъи мураккаби геосиёсии ҷаҳон, мушкилоти тағйирёбии иқлим, камбизоатӣ, ҳолати тандурустии омма, ҷойгоҳи занон ва шароити нобаробари иқтисодиро мушкилоти ҳалталаби башар донистанд, ки ҳалли онҳо аз муттаҳидии умумибашарӣ вобаста аст.

Муаллиф таваҷҷуҳ медиҳад, ки пешниҳоди Пешвои миллат оид ба қабули қатъномаи махсуси СММ – «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун ташаббуси дорои аҳаммияти глобалӣ пазируфта шуд. Ин иқдом, аз рӯйи моҳият, таҷассумгари таҷрибаи нодири сулҳофарии тоҷикон ва далели он аст, ки миллати тоҷик аз даҳшатҳои ҷанг гузашта, сулҳро ҳамчун бузургтарин арзиш ва сармояи миллӣ эҳё ва ҳифз кард. Муаллиф ин

ташаббусро «муждаи ҷаҳонӣ» ва «эҳдо барои наслҳои оянда» арзёбӣ мекунад, зеро дар шароити авҷи низоъҳои байналмилалӣ чунин иқдом барои башарият ба сифати роҳи арзанда ба сӯи ояндаи осоишта ва устувор хизмат менамояд.

Муаллиф бо истинод ба андешаҳои дабири кулли собиқи СММ Кофи Аннан таъкид менамояд, ки Тоҷикистон яке аз намунаҳои нодири ҳаллу фасли осоиштаи низоъҳои дохилӣ буда, таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар миқёси ҷаҳонӣ арзиши омӯзишӣ касб кардааст. Маҳз ҳамин таҷриба, ки бо раҳбарии Пешвои миллат дар солҳои 1990 ба даст омад, ба Тоҷикистон имкон дод, ки дар баробари дигар давлатҳо дар саҳнаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишваре бо фарҳанги ваҳдат, дипломатия ва сулҳофарӣ шинохта шавад.

Муаллиф мегӯяд, ки Пешвои миллат дар ҷомеаи байналмилалӣ на танҳо ба сифати бунёдгузори сулҳи тоҷикон, балки ҳамчун сиёсатмадори дорои тафаккури миллию башардӯстона ва дипломатии фавқулода фаъол шинохта шудаанд. Таҷрибаи сулҳ, фарҳанги муколама, таҳаммул ва созиш, ки дар Тоҷикистон пойдор шудааст, имрӯз ба як модели ҷаҳонии дипломатия табдил ёфтааст ва кишварҳои зиёде онро меомӯзанд.

Дар қисми дигар муаллиф тавсиф мекунад, ки ташаббусҳои сулҳофарии Пешвои миллат танҳо ба масъалаҳои сиёсӣ ва амниятӣ маҳдуд нашуда, балки ба ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва муассирияти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ низ равона гардидаанд. Дар давоми 33 соли истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон тавонистааст низоми устувори давлатдории ҳуқуқбунёд, маорифу тандурустӣ, инфрасохтори иқтисодӣ, энергетика ва амнияти миллиро ташаккул диҳад. Ин ҳама натиҷаи мактаби давлатдории хоси Пешвои миллат аст, ки дар асоси сулҳ, ваҳдат, оромиш ва рушди устувор бунёд ёфтааст.

Муаллиф идома дода, таҷрибаи дипломатии муосири Тоҷикистонро ҳамчун «мактаби созандагӣ» арзёбӣ мекунад. Тибқи навиштаи ӯ, ҷаҳони муосир имрӯз ба замоне ворид шудааст, ки таҳдидҳо ҳам экологӣ, ҳам сиёсӣ, ҳам иқтисодӣ шиддат гирифтаанд ва танҳо ҳамкории бисёрҷониба метавонад аз оқибатҳои манфӣ ҷилавгирӣ кунад. Пешвои миллат, бо такя ба таҷрибаи миллати тоҷик, ҷомеаи ҷаҳониро пайваста ба муколамаи сиёсӣ, таҳаммул, эҳтироми фарҳангҳо ва ҳамбастагии инсоният даъват мекунанд.

Муаллиф махсус зикр мекунад, ки пешниҳод дар бораи «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» бо назардошти вазъи муосир ба марҳалаи нав ва стратегӣ дар ташаккули арзишҳои

ҷаҳонӣ табдил хоҳад ёфт. Ин ташаббус, пеш аз ҳама, ба равшан кардани нақши ҷавонон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи сулҳпарварӣ, масъулиятшиносӣ ва арзишҳои умумибашарӣ равона гардидааст. Сарвари давлат бо ин ибтикор нишон доданд, ки сиёсати сулҳофарии Тоҷикистон ба ояндаи инсоният нигаронида шуда, рисолати он аз ташкили ҷаҳони бидуни низоъ, бо эҳтироми ҳуқуқи инсон ва кафолати зиндагии шоиста барои наслҳои оянда иборат аст.

Муаллиф хулоса мекунад, ки ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ таҷассумгари диди васеи инсондӯстона, фарҳанги давлатдории тоҷикон, хирад ва таҷрибаи сулҳофарии миллӣ мебошанд. Тоҷикистон имрӯз дар сафи кишварҳое ҷой гирифтааст, ки ба масоили глобалӣ на аз мавқеи давлате хурд, балки ҳамчун кишвари дорои таҷрибаи бузурги сулҳ, фарҳанги ваҳдат, давлатдории мустақил ва дипломатияи фаъол назар меафканад. Ин ташаббусҳо мақоми Тоҷикистонро дар низоми байналмилалӣ боло бурда, онро ба пешниҳоди ибтикорҳои нави ҷаҳонӣ, ҳимояи манфиатҳои умумибашарӣ ва саҳмгузорӣ дар рушди устувори сайёра қодир мегардонанд.

**Дар боби сеюм - «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон»** мақоми Пешвои миллат дар низоми давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дидгоҳи илмӣ-ҳуқуқӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифта, рӯшан мегардад, ки ин ниҳод дар асоси кадом меъёрҳои конститутсионӣ ташаккул ёфта, чӣ мазмун, моҳият ва вазифаҳои муҳимро дар сохтори сиёсии кишвар иҷро менамояд.

**Дар зербоби севу як «Мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таъкид мегардад, ки пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи давлатдории ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявиро интихоб намуд, ки меъёрҳои он дар Конститутсияи соли 1994 ба таври возеҳ таҳким ёфтанд. Бар асоси Конститутсия, ки дорои эътибори олии ҳуқуқист, тамоми низоми давлатдорӣ, аз ҷумла тартиботи сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва идорӣ шакл мегирад ва ҳар гуна санадҳои ҳуқуқие, ки мухолифи он бошанд, беэътибор шумурда мешаванд. Муаллиф бо истинод ба матни Конститутсия таъкид менамояд, ки он на танҳо қонуни асосӣ, балки пояи ҳуқуқии истиқлолият, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва асоси низоми ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки мақоми Президент ва Пешвои миллат низ аз ҳамин ҷо ҷойгоҳи ҳуқуқии худро пайдо мекунад.

Дар зербоб ишора мегардад, ки дар давраи аввали истиқлолият кишвар ба бухрони бесобиқаи сиёсӣ ва ҳифзи давлати миллӣ рӯбарӯ

шуда буд. Мутобиқ кардани низоми навтаъсиси давлатӣ ба талаботи истиқлол, таҳкими қонуният, ташаккули муносибатҳои ҷамъиятии нав ва ҷилавгирӣ аз хатари аз даст рафтани давлатдории миллӣ аз муҳимтарин масъалаҳои он давра буд. Муаллиф бо истинод ба андешаҳои олимон қайд мекунад, ки дар чунин шароит нақши роҳбарияти сиёсӣ махсусан муҳим буд, зеро Конститутсия танҳо дар сурате самаранок мешавад, ки аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ, ҷомеа ва роҳбарияти сиёсӣ дастгирӣ ва татбиқ гардад.

Муаллиф нишон медиҳад, ки ташаккули давлатдории миллӣ ва ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон бевосита бо интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Сарвари давлат (соли 1992 дар Иҷлосияи XVI ва соли 1994 ҳамчун аввалин Президенти интихобшуда) вобаста аст. Маҳз дар ҳамин марҳилаи ҳассос роҳбари нави сиёсӣ тавонист суботу ваҳдатро барқарор намояд, сохти конститутсиониро эҳё кунад ва барои рушди давлати миллӣ шароит фароҳам оварад. Аз ин рӯ, мақомоти қонунгузор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қадам ба қадам ба хулоса омаданд, ки нақши таърихӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсие, ки Пешвои миллат адо кардааст, бояд дар низоми ҳуқуқӣ дар сатҳи Конститутсия пойдор ва ҳифз карда шавад.

Муаллиф баён медорад, ки мақоми Пешвои миллат пеш аз ворид шудан ба Конститутсия дар таҷрибаи сиёсӣ ва фаъолияти таърихии Эмомалӣ Раҳмон ба таври табиӣ шакл гирифта буд. Сарчашмаи ин мақом саҳми бесобиқаи ӯ дар барқарории сохти конститутсионӣ, қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, наҷоти давлат аз парокандагӣ ва ташкили давлатдории муосири Тоҷикистон мебошад. Тибқи меъёрҳои Конститутсия, Президент сарвари давлат, ҳомии Конститутсия, кафили истиқлолият, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ мебошад, ки ин вазифаҳо ба таври муассир аз ҷониби Пешвои миллат иҷро гардидаанд. Ин амалкарди таърихӣ шароити объективиро барои додани мақоми махсус - Пешвои миллат фароҳам овард.

Дар зербоб, инчунин, нақши давлати дунявӣ ҳамчун пояи конститутсионии давлатдории миллӣ тавзеҳ дода мешавад. Тоҷикистон, ки солҳои 90 ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор шуд, аз таҷрибаи талхи дахолати сиёсию идеологии гурӯҳҳои динӣ гузашт. Бинобар ин, муаллиф ба дурустии интихоби модели дунявӣ ҳамчун шарти субот, ваҳдат ва ҳифзи давлатдории миллӣ таъкид мекунад. Моддаи 1 ва 8 Конститутсия низоми дунявиятро ҳамчун арзиши конститутсионӣ муайян мекунанд ва ин меъёрҳо дар ташаккули мақоми Пешвои миллат нақши мустақим доранд, зеро

Пешвои миллат кафили риоя, ҳимоя ва татбиқи ин асосҳои конститутсионист.

Муаллиф бо такя ба таҳлилҳои илмӣ таъкид менамояд, ки ислоҳоти конститутсионии соли 2016 марҳилаи муҳим дар таҳкими ниҳоди Пешвои миллат гардид. Ворид шудани мақоми «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» ба моддаи 65 Конститутсия (қ. 5) ин мақомро аз сатҳи сиёсӣ ба сатҳи ҳуқуқии олӣ баровард. Дар пайи он Қонуни конститутсионии соли 2016 «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» қабул гардид, ки дар моддаи 2 он мақоми Пешвои миллат ба таври комилан дақиқ, бо нишон додани хизматҳои таърихӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва давлатсозонаи ӯ муқаррар шудааст.

Аз рӯйи  мазмуни қонун Пешвои миллат: шахсияти барҷастаи таърихии миллат аст; бунёдгузори низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад; наҷотбахши давлат аз ҷанги шаҳрвандӣ, парокандагӣ ва нестшавӣ аст; кафили субот, сулҳу ваҳдат ва рушди устувори кишвар мебошад; дар инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва байналмилалии Тоҷикистон саҳми беназир гузоштааст.

Муаллиф таъкид мекунад, ки бо ворид шудани ин меъёр ба Конститутсия мақоми Пешвои миллат ба як унсури ҷудонашавандаи сохтори конститутсионии давлат табдил ёфт. Он акнун қисми низоми сиёсии давлатӣ мебошад, ки устувории давлатдорӣ ва пайванди таърихии давлатро таъмин мекунад. Ин мақом на шакли алтернативии ҳокимияти давлатӣ, балки ҷузъи кафолатии механизмҳои конститутсионӣ буда, ба таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, амният ва суботи конститутсионӣ хизмат мекунад.

Муаллиф нишон медиҳад, ки мақоми Пешвои миллат як падидаи ҳуқуқии миллиест, ки бо анъанаҳои таърихии давлатдории тоҷикон низ ҳамоҳангӣ дорад. Дар таърихи давлатии тоҷикон ҳамеша роҳбарони дорои хирад, адолат ва нерӯҳои муттаҳидкунанда нақши меҳварӣ доштанд. Пешвои миллат давоми мантиқии ҳамин анъана дар шароити ҳуқуқии давлати муосир мебошад.

Дар қисмати хулоса муаллиф таъкид мекунад, ки: мақоми Пешвои миллат ба муттаҳидсозии ҷомеа, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва суботи сиёсӣ мусоидат мекунад; ин мақом таҷассумгари хизматҳои таърихии Эмомалӣ Раҳмон дар барқарории давлат ва сулҳ аст; он ба низоми конститутсионӣ устуворӣ мебахшад ва кафолати пойдории давлатдории тоҷикон мебошад; таҷрибаи кишвар нишон дод, ки ин ниҳод ҷавобгӯи эҳтиёҷоти воқеии марҳилаи давлатсозии миллӣ буда, барои рушди минбаъдаи Тоҷикистон заминаи устувор гузошт.

Муаллиф хулоса мекунад, ки таҳкими ҳуҷҷатии мақоми Пешвои миллат дар Конститутсия ва қонуни махсус на танҳо эътирофи расмии хизматҳои шахсӣ, балки таҷассумгари таҷрибаи воқеӣ, ниёзҳои давлатсозӣ ва хусусияти миллии ташаккули давлатдории Тоҷикистон мебошад. Ин мақом имрӯз як унсури муҳимми кафолатдиҳандаи истиқлолият, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Зербоби дуюми боби сеюм «Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон»** ба тавзеҳи асосҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии ҳифзи мақоми Пешвои миллат дар сохтори давлатдорӣ бахшида шудааст.

Зербоби мазкур ба таҳлили амиқи механизмҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионие бахшида шудааст, ки ба ҳимоя ва пойдории мақоми Пешвои миллат ҳамчун яке аз унсурҳои марказии давлатдории миллӣ мусоидат менамоянд. Муаллиф таъкид мекунад, ки истиқлолият на танҳо як ҳодисаи сиёсӣ, балки як равандест, ки решаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии худро дорад ва нигоҳдории он аз ҳифзи суботи дохилӣ, ваҳдати миллӣ, масъулияти роҳбарияти сиёсӣ ва ҳимояи арзишҳои конститутсионӣ вобаста аст.

Зербоб бо ин андеша оғоз мешавад, ки истиқлол аз лаҳзаи ба даст омадан ба таври худкор ҳифз намешавад, балки талаб мекунад, ки дар ҳар зинаи рушди давлатдорӣ механизмҳои қавии ҳуқуқӣ, сиёсии идоракунӣ ва роҳбарии хирадмандона мавҷуд бошанд.

Муаллиф бо зикри таърихи қабули Эъломияи истиқлолият (24 августи 1990) ва дигар санадҳои сарнавиштсоз нишон медиҳад, ки марҳилаи гузариш аз сохтори Шуравӣ ба истиқлолияти воқеӣ марҳилаи бисёр мураккаб буд. Гарчанде Эъломия ҳанӯз истиқлоли пурра намебахшид, он барои ҳамон давра қадами муҳим ба самти ташаккули давлатдории миллӣ гардид. Дар ин марҳила Шурои Олӣ як қатор санадҳои ҳуқуқӣ қабул кард, ки Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр эътироф менамуданд. Ба ин васила, пояҳои аввалияи ҳуқуқии истиқлолият ба вуҷуд омад, аммо таҷрибаи солҳои баъдӣ нишон дод, ки танҳо ҳуҷҷатҳо наметавонанд давлатро аз хатарҳои сиёсии воқеӣ ҳимоят кунанд. Барои ҳифзи истиқлол ва давлатдорӣ ниҳоди роҳбарии миллӣ, шахсият ва сиёсати ягонаи мутаҳидсозанда талаб буд, ки онро таҷрибаи солҳои 1990-ум ба таври равшан исбот кард.

Муаллиф баён менамояд, ки аз оғози истиқлолият то оғози солҳои 2000 миллати тоҷик дар ду ҷабҳа - мубориза барои ҳифзи давлатдорӣ ва мубориза бо зуҳуроти хатарноки ифротгароӣ қарор

дошт. Падидаҳои монанди фасоди молӣ, сиёсати нодуруст, ифротгароӣ, таъсири неруҳои хориҷӣ ва суиистифодаи ҳиссиёти ҷавонон ҷомеаро ба низоъ ва парокандагӣ кашиданд. Маҳз дар ҳамин давра муҳимтарин омил ташаккули худогоҳии миллӣ ва дарки хатари воқеӣ ҷомеаро ба пуштибонӣ аз сиёсати давлатӣ ва роҳбарияти сиёсӣ овард. Ин омилҳо асоси иҷтимоӣ-сиёсиро барои ташаккули мақоми Пешвои миллат ташкил доданд.

Дар зербоб бо истинод ба таҷрибаи солҳои истиқлол зикр мешавад, ки мардум тадриҷан ба сатҳи баланди худогоҳии сиёсӣ расида, нақши роҳбарикунии шахсияти сиёсӣ барои наҷоти давлат ва миллатро дарк намуд. Мардуми ВМКБ, ки дар солҳои охир шоҳиди душвориҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии зиёд буданд, дар мулоқот бо Сарвари давлат бо итминон таъкид карданд, ки сафарҳои Пешвои миллат ба минтақаҳои кӯҳистон барои таҳкими субот ва рушди иҷтимоӣ аҳаммияти тақдирсоз доранд. Ин таҷрибаи иҷтимоӣ нишон дод, ки мақоми Пешвои миллат на танҳо як унсури сиёсӣ, балки таҳкурсии эҳсоси эътимод, ягонагӣ ва иттиҳоди миллӣ дар тамоми қаламрави кишвар аст.

Муаллиф ба таври муфассал равшан месозад, ки интихоби низоми дунявӣ ҳамчун пояи конститутсионии давлатдорӣ яке аз муҳимтарин қарорҳои сиёсӣ буд. Дар давраи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои манфиатдор мекӯшиданд, ки Тоҷикистонро ба самтҳои идеологии дигар баранд. Аммо чунин раванд бо хусусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон мутобиқат надошт. Аз ин рӯ, интихоби роҳи дунявӣ ҳамчун механизми ҳуқуқӣ-сиёсӣ барои ҳифзи истиқлолият, пойдорӣ ва амнияти миллӣ ба таври комилан дуруст ва воқеӣ асоснок карда шуд.

Нақши Пешвои миллат дар тарғиби арзишҳои дунявӣ ва ҳимояи сохтори конститутсионии давлатдорӣ дар зербоб махсус таъкид мешавад. Маҳз таҳти роҳбарии ӯ низоми устувори давлатдории дунявӣ ташаккул ёфт, ки ба кафили субот, ваҳдати миллӣ ва рушди Тоҷикистони муосир табдил гардид.

Муаллиф нишон медиҳад, ки дар тӯли таърих кишварҳо ва тамаддунҳо ба роҳбароне ниёз доштанд, ки бо хирад, бешарафӣ ва масъулият роҳнамоӣ намоянд. Дар таърихи давлатдории муосири тоҷикон низ чунин шахсият Пешвои миллат ҳамчун қутби муттаҳидсозанда, кафили амният ва ҳимоягари арзишҳои миллӣ зуҳур кард. Зербоб ба таври муфассал нақши Пешвои миллатро ҳамчун шахсияти дорои масъулияти таърихӣ, қобилияти дипломатӣ, заракии сиёсӣ, ҷаҳонбинии миллӣ ва қудрати идоракунии стратегӣ тавзеҳ

медиҳад. Ин сифатҳо на танҳо дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, балки дар тамоми марҳилаҳои баъдӣ барқарорсозӣ, рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши ҳалкунанда бозиданд.

Муаллиф ба ин нукта таъкид мекунад, ки ҳифзи мақоми Пешвои миллат танҳо як унсури сиёсии иловагӣ набуда, балки аслан механизми ҳуқуқиест, ки аз таҷрибаи воқеии наҷоти давлатдорӣ бармеояд. Конститутсияи соли 1994 ҳамчун санади ваҳдатофар ва созандаи низоми нави сиёсӣ қабул гардида, дар марҳилаҳои минбаъда бо ворид намудани тағйиру иловаҳо такмил ёфт. Муаллиф таъкид мекунад, ки ислоҳоти конститутсионии соли 2016, ки мақоми «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат»-ро дар моддаи 64 қонуният бахшид, на як иқдоми сиёсӣ, балки посух ба талаботи таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи пасомуноқишавӣ буд.

Дар зербоб бо такя ба таҳлили ҳуқуқии қонунгузорӣ бар он ишора мешавад, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» мақоми ҳуқуқии Пешвои миллатро ба таври равшан ва мукаммал муқаррар намуд. Ин қонун, ки ба меъёрҳои конститутсионӣ такя мекунад, нақши Пешвои миллатро ҳамчун рамзи пойдории давлатдорӣ, кафили субот ва ҳомии арзишҳои миллӣ муайян карда, механизми ҳуқуқии ҳифзи ӯро таъмин менамояд. Ин қонун зикр менамояд, ки Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихист, ки дар наҷоти давлат ва сулҳи тоҷикон нақши беназир гузоштааст ва метавонад то вақте ки ҷомеа ба ин ниҳод ниёз дорад, мақоми худро нигоҳ дорад.

Муаллиф равшан китобат мекунад, ки дар давраи ҷаҳонишавӣ ва авҷи низоъҳои геополитикӣ давлатҳое зинда мемонанд, ки стратегияи қавии идоракунӣ, роҳбари бохирад ва механизмҳои қонунии ҳифзи давлатдории худро доранд. Зербоб таъкид мекунад, ки Пешвои миллат ҳамчун шахсияти дорои ҷаҳонбинии давлатӣ ва масъулияти баланди таърихӣ тавонист роҳи устувори пешрафтро дар шароити пуртазоди ҷаҳонӣ муайян намояд. Нақши ӯ дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ, аз ҷумла об, амният, мубориза бар зидди терроризм ва ҳимояи манфиатҳои ҷаҳонӣ Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кард.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки таҷрибаи давлатӣ нишон медиҳад: давлат танҳо дар сурате тавонистааст субот ва истиқлолияти худро нигоҳ дорад, ки дар маркази он механизме ҷой дошта бошад, ки ҳам арзишҳои миллӣ, ҳам арзишҳои ҳуқуқӣ ва ҳам сохтори давлатдориро муттаҳид созад. Ин механизми конститутсионӣ институти Пешвои

миллат ба сифати ҷузъи кафолати сиёсии давлатдорӣ дар Тоҷикистон амал мекунад. Он имконият медиҳад, ки давлат ба таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ муқобилат намояд, ваҳдати миллӣ нигоҳ дошта шавад, суботи сиёсӣ таъмин гардад ва самтҳои стратегӣ аз амният, то рушди иқтисодӣ бо устуворӣ амалӣ карда шаванд.

Муаллиф натиҷагирӣ мекунад, ки мақоми Пешвои миллат дар низоми конститутсионии Тоҷикистон на танҳо таҷассуми таҷрибаи таърихист, балки унсури сохтори давлатӣ мебошад, ки ҳимояи он барои пойдории истиқлолияти сиёсӣ, амнияти миллӣ ва рушди давлати ҳуқуқбунёди тоҷикон аҳаммияти бунёдӣ дорад.

**Зербоби сеюми боби сеюм «Самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мувофиқи таъиноти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъминоти иҷтимоии он»** номгузорӣ шудааст.

Зербоби мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи вазифаҳо, ваколатҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи давлатдории ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоиро интихоб намуд, ки ҳадафи он таҳкими пояҳои конститутсионӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини адолати ҳуқуқӣ мебошад.

Дар ин раванд, нақши Пешвои миллат ҳамчун ҳомии Конститутсия ва кафили истиқлолияти миллӣ хусусияти марказӣ касб карда, фаъолияти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ӯ дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ шакл гирифтааст.

Муаллиф таъкид мекунад, ки Конститутсия ҳамчун санади асосии давлат пояи ҳуқуқии тамоми низомҳоро муайян менамояд ва Президент тибқи моддаи 64 он вазифадор аст, ки иҷрои меъёрҳои он, риояи қонунҳо, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, тамомияти арзӣ ва мураттабии фаъолияти мақомоти давлатиро таъмин намояд. Аз ин рӯ, фаъолияти Пешвои миллат на танҳо иҷрои ваколатҳои муқarrаргардидаи конститутсионӣ, балки ҳидояти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷомеа дар тамоми қитъаҳои ҳаётро фаро мегирад.

Зербоб зикр мекунад, ки ҷавҳари сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон бар асоси роҳнамоии Пешвои миллат худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва давлатдорӣ ташаккул ёфтааст. Аз рӯзҳои аввали Иҷлосияи XVI, ки як нуқтаи гардиши таърихии давлатдорӣ ба шумор меравад, Пешвои миллат сиёсати ҳифзи давлат, наҷоти Конститутсия, барқарорсозии сохти ҳуқуқӣ ва мутаҳидсозии ҷомеаро ба роҳ гузоштанд. Бино бар ҳамин сиёсати хирадмандона буд, ки дар давраи

хеле кӯтоҳ давлат аз фалаҷи конститутсионӣ раҳо ва пояҳои давлати миллӣ эҳё гардид.

Муаллиф бо истинод ба назарияҳои сиёсӣ нишон медиҳад, ки интихоби роҳи демократӣ ва дунявӣ барои Тоҷикистон тасодуфӣ набуд: таҷрибаи талхи солҳои 90 исбот намуд, ки танқид ва барҳамхӯрии модели дунявӣ ба буҳрони сиёсӣ ва хавфи аз байн рафтани давлат оварда мерасонад. Аз ин рӯ, Пешвои миллат дар тамоми давраи роҳбарӣ принсипҳои дунявият, озодии виҷдон ва ҷудо будани дин аз давлатро ҳамчун меъёри конститутсионӣ устувор нигоҳ доштанд. Ин равиш ба суботи иҷтимоӣ, ҳамзистии сулҳомез ва рушди тафаккури шаҳрвандӣ асос гузошт.

Дар зербоб барҷаста нишон дода мешавад, ки дар давраи истиқлолият Пешвои миллат иқдомҳои муассиреро дар рушди қонунгузорӣ, низоми ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатӣ роҳандозӣ намуданд. Онҳо иборатанд аз:

– қабули Конститутсияи соли 1994, ки Тоҷикистонро ба давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоӣ табдил дод;

– татбиқи ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999, 2003 ва 2016, ки ба мукаммалсозии низоми идоракунӣ, таҳкими институтҳои давлатӣ ва эътирофи мақоми Пешвои миллат асос гузоштанд;

– ташкили низоми пешрафтаи ҳокимияти иҷроия, судӣ ва қонунгузор;

– таҳкими пояҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои шаҳрвандӣ.

Муаллиф бо такя ба маводи таҳлилӣ нишон медиҳад, ки нақши Пешвои миллат дар таҳкими худшиносии миллӣ ва эҳёи фарҳанги давлатдорӣ хеле бузург буд. Ба шарофати ин сиёсати худшиносӣ, арзишҳои миллӣ, забон, таърих ва фарҳанги тоҷикон мақоми давлатӣ пайдо карда, тарбия ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон рушд намуд. Ин раванд ба ташаккули тафаккури миллии давлатсозӣ ва болоравии масъулияти иҷтимоии шаҳрвандон мусоидат намуд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки Пешвои миллат на танҳо дар сиёсати дохилӣ, балки дар сиёсати хориҷӣ, амнияти миллӣ, дипломатияи байналмилалӣ ва масъалаҳои глобалӣ нақши хоса доранд. Баромадҳои Пешвои миллат дар СММ ва ташаббусҳои ҷаҳонии марбут ба об, рушди устувор, мубориза бо терроризм ва амнияти минтақавӣ Тоҷикистонро ҳамчун кишвари фаъоли дипломатии ҷаҳонӣ муаррифӣ намуданд.

Дар зербоб ба таври муфассал оварда мешавад, ки фаъолияти Пешвои миллат дар ташаккули низоми идоракунӣ ва институтҳои давлатӣ панҷ марҳилаи асосиро фаро гирифтааст: давраи

барқарорсозии давлатдорӣ ва таҳкими сохтори давлатӣ (1992-1994); қабули Конститутсия ва ташкили низоми давлатӣ (1994-1999); такмили низоми конститутсионӣ ва ташкили парлумони касбӣ (1999-2016); эътирофи конститутсионии мақоми Пешвои миллат (2016); таҳкими давлати иҷтимоӣ ва рушди устувори соҳаҳои иҷтимоӣ то имрӯз.

Муаллиф ба ин нукта ҳам ишора мекунад, ки ташкили давлати иҷтимоӣ  яке аз самтҳои асосии сиёсати Пешвои миллат мебошад. Дар Конститутсия Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ шинохта мешавад ва дар амал беш аз нисфи буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ равона мегардад. Иқдомҳои имрӯзаи давлат дар самти маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, дастгирии қишрҳои осебпазир ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, ҳама дар асоси сиёсати иҷтимоии Пешвои миллат амалӣ мешаванд.

Дар зербоб таъкид мегардад, ки таъминоти иҷтимоӣ барои Пешвои миллат на танҳо як кафолати ҳуқуқӣ, балки шакли эҳтироми миллӣ, рамзи қадршиносӣ ва таҷассумгари робитаи халқ бо пешвои худ мебошад. Қонуни конститутсионии «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» ба шахсияти Пешво пас аз анҷоми фаъолияти президентӣ низ як қатор кафолатҳо ва таъминотҳои иҷтимоиро пешбинӣ мекунад, ки аз онҳо ҳуқуқ ба нафақаи махсус, муҳофизат, хизматрасонии тиббӣ, дастрасӣ ба қароргоҳҳои давлатӣ ва дигар имтиёзҳои иҷтимоӣ иборатанд.

Дар зербоб ин таъкид низ ҷой дорад, ки эътирофи қонунии мақоми Пешвои миллат на натиҷаи хоҳиши сиёсии гурӯҳҳо, балки таҷассумёбандаи иродаи умумимиллӣ ва шинохти муҳимтарин хизматҳои таърихии Эмомалӣ Раҳмон дар барқарорсозии давлат, сулҳ ва ваҳдат мебошад. Баён мегардад, ки мақоми Пешвои миллат ҳамчун унсури устувории конститусионӣ кафолати амнияти миллӣ, суботи иҷтимоӣ, пайвастагии наслҳо, ҳифзи истиқлолият ва пешбурди сиёсати давлатӣ мебошад.

Муаллиф дар хулоса бар он назар аст, ки самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат тибқи Конститутсия ва қонунгузории миллӣ ба таъмини адолат, ҳимояи ҳуқуқи инсон, рушди иҷтимоӣ, суботи сиёсӣ, таҳкими иқтисод ва боло бурдани мақоми байналмилалии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Маҳз роҳбарии хирадмандона ва фаъолияти пайгиронаи Пешвои миллат шароит фароҳам овард, ки Тоҷикистон дар давоми 33 соли истиқлолият ба давлати устувор, муттаҳид, амн ва рӯ ба рушд табдил ёбад.

Нақши Пешвои миллат дар ин раванд ҳамчун падидаи шахсиятсоз, давлатсоз, ҳуқуқсоз ва ваҳдатофарин арзёбӣ мегардад.

# ХУЛОСА

Бо таваҷҷуҳ ба таҳлили анҷомёфта дар самти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолияти сулҳофарини Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, метавон чунин хулосабарорӣ кард:

Ин кори илмӣ масоили калидии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқии ҷараёнҳои рушди давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар ин таҳқиқот таҳлили ҳуқуқии заминаи оғозшавӣ, ҳолатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, молиявӣ, ҳолатҳои маънавии консепсияи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зери таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

Унвонҷӯ нақши ҳуқуқии ҳамкории ташкилотҳои байналмилалиро дар бартараф намудани мушкилиҳо ва равандҳои гуфтушунидро ба танзим даровара, консепсияи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро зери таҳқиқоти ҳуқуқи қарор медиҳад. Дар зербоби мазкур таҳқиқоти илми оиди кӯмаки башардӯстона ва ёрии сулҳҷӯёнаи давлатҳои хориҷӣ дар ҳалли музокирот байни тоҷикон, нишон дода шудааст.

Дар баробари ин, дар зербоб ба маводҳои расмӣ-ҳуҷҷатӣ, равшанӣ андохта шудааст, ки ба мушкилии илми дар рафти гуфтушунид оид ба даст овардани оштии миллӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Унвонҷӯ дар кори илмии мазкур «Замимаҳо»-ро овардааст, ки асоснокии фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон, СММ, МНСММ, ИНОТ, КОМ, САҲА ва дигар ташкилотҳои байналмилалиро дар мустаҳкамнамоии сулҳу субот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон медиҳад.

Солҳои охир таҳлили ҳуқуқӣ-сиёсӣ ва фалсафавии мушкилоти консепсияи истиқрори сулҳ дар корҳои олимони давлатҳои ИДМ ва Тоҷикистон, дар дараҷаи муайян дарҷ гардидаанд. Аммо, мушкилиҳои зиёд, аз ҷумла сабабҳо ва хусусиятҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони соҳибхтиёр ба таври кифоя омӯхта нашуда, омӯзиши минбаъдаро талаб менамоянд.

1. Муаллиф қайд мекунад, ки дар ташкилу бунёди давлати миллии Тоҷикистон Конститутсия ҳамчун санади созишӣ ва бунёдгузори давлатӣ нақши ҳалкунанда дорад. Инсоният дар охири асри XX зери таъсири омилҳои дохилию хориҷӣ ва объективию субъективӣ таърихиояндаи худро бо роҳҳои мураккаб ва пурпечутоб, бо ном «омилҳои давлати демократӣ» сохтани мешуданд, ки дар асл ноустувории худро дар назди воқеият эҳсос намуда, ба душвориҳои нави ҷаҳонишавӣ, интиқоли иҷбории ҳуқуқу озодиҳо, интиқол ва таҳияи инқилобҳои сохта, афзоиши таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ ба монанди савдои одамон, муомилоти ғайриқонунии моводи нашъаовар, силоҳ, афзоиши экстремизм ва терроризм рӯ ба рӯ шуд [М-1].

2. Пас аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тоза истиқлолияти давлатии худро эълон намуда буд, ба майдони рақобатҳои геополитикии қудратҳои хориҷӣ табдил ёфт. Баъзе аз ин неруҳо тавассути гурӯҳҳои мазҳабию сиёсӣ ният доштанд, ки дар кишвар режими исломии ифротӣ барпо намоянд ва бо ин васила амнияти миллиро халалдор созанд.

Дар чунин вазъият миллати тоҷик дар маркази бархӯрди манфиатҳои миллӣ ва мубоpизаҳои идеологӣ қарор дошт, вале тавонист бо иродаи миллӣ истиқлолияти худро ҳифз кунад. Талошҳои чандинсолаи роҳбарияти давлат, бахусус фаъолияти созанда ва дипломатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, боиси он гардид, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расад. Ин санад заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои пойдории сулҳу субот ва барқарорсозии ваҳдати миллӣ гардид [М-3].

3. Раванди таъмини сулҳу субот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз марҳалаҳои мураккаб ва ҳалкунандаи таърихи навини кишвар маҳсуб мешавад. Оғози воқеии ин раванд ба Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд, ки дар он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олӣ интихоб гардид. Изҳороти «Ман ба Шумо сулҳ меоварам»-и ӯ ҳамчун рамзи сиёсати нави сулҳофаринӣ ва барқарорсозии давлатдорӣ пазируфта шуд.

Дар шароити буҳрони сиёсиву низомӣ Пешвои миллат тамоми имкониятҳои худро барои қатъи ҷанг, барқарорсозии амният, баргардондани гурезагон ва оғоз намудани музокироти мусолиматомез бо мухолифини собиқ равона намуд. Дар натиҷаи ин талошҳо, пас аз панҷ соли кори пайгирона, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Ин санад асоси ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои ваҳдати миллӣ ва пойдории истиқлол гардид.

Аз нигоҳи таҳлилҳои илмӣ, сиёсати Пешвои миллат ба принсипи ҳамзистии осоишта ва авфи умумӣ такя дошта, ба ҷудоии ғолибу мағлуб роҳ надод. Маҳз ҳамин сиёсат ба баргаштани охирин гурезаи тоҷик мусоидат кард ва заминаи барқарорсозии давлати миллии соҳибистиқлолро фароҳам овард [М-2].

4. Дар ҷараёни мураккаби расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, Эмомалӣ Раҳмон бо ҷасорат, иродаи қавӣ ва ватанпарастии беназир тавонист вазифаи таърихии худро ҳамчун роҳбари миллат иҷро намояд. Ӯ дар шароити хатарнок ҷони худро ба хавф гузошта, бо анҷом додани сафарҳои пурхатар ба минтақаҳои ҷангзада барои расидан ба сулҳ ва ваҳдат иқдом кард. Ин амалҳои далерона ва сиёсати созанда боиси барқарор шудани суботи сиёсӣ, амният ва ҳамдилии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд. Шуҷоати Пешвои миллат дар ин раванд ҳамчун намунаи олии роҳбарии стратегӣ ва мардумдӯстона ба ҳисоб меравад [М-1].

5. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба низои хонумонсуз хотима бахшида, сохти конститутсиониро дар мамлакат барқарор намуд. Иродаи сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери фишори хоинона ва душманонаи бадхоҳони миллат шикаст нахурд ва ӯ тавонист бо ҷасорату далерии худ ба ҷанги бародаркуш хотима бахшида, сулҳу суботро ба мардуми шарифи Тоҷикистон таъмин намояд. Бешубҳа, сулҳе, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миллати тоҷик овард, кафили истиқлолият ва рушди устувори давлатдории навини тоҷикон гашт [М-4].

6. Пешвои муаззами миллат дар пайёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд: «Замона бо гузашти ҳодисотвақт бо муборизаҳои бешумор, таърих бо амалҳои зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ собит сохт, ки интихоб саривақти ва дуруст буд. Кунун Тоҷикистон 30-ум баҳори истиқлоли худро паси сар мекунад ва корҳои зиёде дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ба сомон расидаанд» [М-2].

7. Мактаби сулҳофаронаи сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълимгоҳест, ки дар марҳилаи бисёр мураккабу печида ташаккул ёфта, мавқеи созандагиву бунёдкорӣ касб намудааст. Ин мактаби сиёсию ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки ҳокимият ва муносибатҳои он аз ҷониби ин ниҳоди сиёсӣ бо риояи принсипҳои демократӣ амалӣ гашта, манфиати давлату миллат аз ҳама боло гузошта мешавад.

8. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фаъолияти сулҳҷӯёнаи худ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, алалхусус ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои конститутсионӣ такя намуда, сохти конститутсиониро дар Тоҷикистон барқарор ва мустаҳкам намуд [М-1].

«Дар давраҳои ҳалкунандаи таърихӣ аҳаммияти Конститутсия махсусан баланд мегардад. Қонуни асосие, ки ба вазъи воқеии иҷтимоиву сиёсӣ мутобиқат дорад ва хусусиятҳои давраро ба назар мегирад, ба ҷомеа пояи ҳуқуқӣ ва давлатии устувор фароҳам меорад. Ин санад оғози низоми нави ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии кишвар буда, талаботи он барои тамоми шаҳрвандон, аз ҷумла барои ҷонибдорони мухолифи қабули он, ҳатмӣ мебошад» [М-5].

9. Мувофиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сохтори давлатдорӣ принсипи таҷзияи ҳокимият татбиқ ёфта, шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ таъсис дода шуданд. Ин амал оғозгари марҳилаи нави фаъолияти мақомоти давлатӣ гардид. Дар ҳамин замина, санадҳои қонунгузории конститутсионӣ таҳия ва қабул шуда, низоми сиёсие, ки бо Конститутсия барномарезӣ гардида буд, амалан татбиқ ёфт.

Конститутсия на танҳо асоси ҳуқуқии давлатдории миллӣ гардид, балки нақши дуҷониба бозид: аз як ҷониб ҳамчун санади созанда ва мусбат, ки пояҳои сохтори сиёсӣ ва давлатӣ ваҳдат бахшид ва аз ҷониби дигар, ҳамчун санади созиш

миёни гурӯҳҳои иҷтимоиву сиёсӣ, ки ба ҳокимияти қонунӣ эътибори байналмилалӣ бахшид.

Қабули Конститутсия дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсиву низомӣ сурат гирифтвале роҳбарияти давлат тавонист лоиҳаи онро таҳия намуда, муҳокимаи умумимиллӣ доир созад ва бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ онро қабул намояд [М-5].

10. Агар мухолифини тоҷик дар он солҳо аз раванди сулҳ даст мекашиданд, ин маънои онро дошт, ки онҳо бо худи халқи тоҷик даргир буданд, на бо давлат.

«Конститутсияи нави Тоҷикистон дар он давра нақши муҳим бозид: он барои ҳамаи қувваҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ пояи давлатдории демократӣ ва ҳуқуқбунёд гузошт ва шароит фароҳам овард, ки ҷомеа муттаҳид гардад, ризоияти миллӣ таъмин шавад ва сулҳ дар кишвар барқарор гардад» [М-1].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Ба ғайр аз хулосаҳои назариявӣ оид ба такмили қонунгузории кишвар як қатор пешниҳодҳоро омода намудаем:

1. Бо дарназардошти ҳоҷати танзими дақиқтари муносибатҳои ҳуқуқӣ, мақсаднок арзёбӣ мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафили амнияти Пешвои миллат» қабул карда шавад. Пешвои миллат, ки кафили риояи Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва таъминкунандаи истиқлол, ваҳдат ва тамомияти арзии кишвар мебошад, дар барқарор ва мустаҳкам намудани фаъолияти ҳамоҳангшудаи шохаҳои ҳокимият нақши муҳим мебозад ва амнияти давлат, ҷомеа ва инсонро таъмин месозад.

2. Бо дарназардошти зарурати такмили қонунгузорӣ пешниҳод менамоем, ки ба Қонуни конститутсионии ҶТ, «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» мазмуни зерин ворид карда шаванд:

- дар банди 3 моддаи 1: «меъёрҳои овардашуда ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, татбиқ намешавад».

3. Бо зарурати такмили қонунгузорӣ пешниҳод менамоем, ки ба Қонуни конститутсионии ҶТ, «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» мазмуни зерин ворид карда шаванд:

а) Дар банди 5 моддаи 4 «Ордени «Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон» оид ба таъмили сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шавад»;

б) Дар банди 2 моддаи 17 «Ҷавобгарӣ барои таҳқир ва пастзании шаъну эътибори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» ворид карда шавад.

## ФЕҲРЕСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУЪИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Зоир, Ҷ.М. Зуҳурзода Ш.Д. Сиёсати ҳуқуқии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун мактаби умумиҷаҳонии сулҳ [Матн] / Ҷ.М. Зоир, Ш.Д. Зуҳурзода // Идракунии давлатӣ. – 2021. – №4/1 (53). – С. 111-124; ISSN 2664-0651.

[2–М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Тақвияти мақоми пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №2. – С.141-149; ISSN 2305-0535.

[3–М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Динамика законодательного обеспечения суверенитета государств на постсоветском пространстве: (опыт Таджикистана) [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №2 (62). – С. 196-205; ISSN 2664-0651.

[4–М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Асосҳои ҳуқуқи конститутсиони бунёди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Давлатшиноси ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (29). – С. 127-135; ISSN 2414 9217.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

[5-М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Мақоми пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Маводи Конференсияи илмӣ – назариявӣ ҷумҳуриявӣ Нақши конститутсия дар рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 105-109.

[6-М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Нақши Пешвои миллат, дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ, [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия дар АИДНПҶТ. – (Душанбе, 3 декабри соли 2022. – С.211-220).

[7-М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Правовая природа парламентаризм Таджикистана в условиях государственной независимости // [Текст] / Ш.Д. Зуҳурзода // Маводи конференсияи илмӣ - назариявӣ Конституция – основа развития эффективной системы государственного управления. – Душанбе, 2023. – С. 129-135.

**АКАДЕМИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**УДК:** 67.99(2Т)0
**ББК:**34
**А–**96

На правах рукописи

**ЗУХУРЗОДА ШАХЛО ДАВЛАТМУРОД**

# КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ МИРОТВОРЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОНА

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.2. Конституционное право; конституционный судебный процесс; правовое регулирование местной власти.

**Душанбе – 2026**

**Диссертация выполнена на кафедре административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.**

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Зоир Джурахон Маджидзода** – доктор юридических наук, профессор, заведующий отделом государственного права Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. |
| **Официальные оппоненты:** | **Алимов Суробшо Юсуфшоевич** – доктор юридических наук, профессор кафедры государственно-правовых дисциплин юридического факультета Таджикско-Российского (Славянского) университета; |
| | **Мирзозода Шахриёр Мунавар –** кандидат юридических наук, заведующий общим отделом Службы государственного надзора в сфере труда, миграции и занятости населения. |
| **Ведущее учреждение:** | Образовательное учреждение высшего профессионального образования «Академия МВД Республики Таджикистан» (г. Душанбе). |

Защита диссертации состоится «04» апреля 2026 г., в 12$^{\underline{00}}$ часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА–019 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, корпус 11, 1 этаж, зал диссертационного совета юридического факультета).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 E-mail: qobil9498@mail.ru Тел: 988949405.

Автореферат разослан: «___» ____________ 2026 года.

**Ученый секретарь диссертационного совета, кандидат юридических наук Мирзозода К.Х.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В конце XX века человечество под воздействием внутренних и внешних, а также объективных и субъективных факторов оказалось перед необходимостью выстраивать своё будущее сложными и противоречивыми путями, именуемыми «факторами демократического государства». На самом деле данные процессы испытывали нестабильность перед реальностью и сталкивались с новыми вызовами глобализации, принудительной трансформацией прав и свобод, навязанными «цветными» революциями, а также ростом новых глобальных угроз - таких, как торговля людьми, незаконный оборот наркотических средств, оружия, усиление экстремизма и терроризма.

После обретения государственной независимости Таджикистан в своей новой истории, сразу после распада Советского Союза, превратился в арену столкновения стратегических интересов мировых держав. В особенности наблюдались попытки отдельных крупных государств содействовать созданию в Таджикистане исламского государства и привести к власти заблудших и предателей нации. Таджикский народ оказался на линии противостояния исламских и светских режимов, в условиях конфликта национальных интересов, заплатив высокую цену за провозглашение собственной независимости.

В результате последовательных усилий и продолжительной борьбы 27 июня 1997 года в городе Москве под руководством Основателя мира и национального единства – Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона, было подписано Общее соглашение об установлении мира и национального согласия, которое стало началом нового исторического этапа государственности Таджикистана.

Судьбоносный процесс установления мира в Республике Таджикистан прошёл сложный и многоэтапный путь, истоки которого восходят к исторической XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан. Именно в этот период Лидер нации, уважаемый Эмомали Рахмон, взял на себя ответственность за руководство процессом миростроительства и консолидации общества, ознаменовав свою миссию программным обращением «Я принесу вам мир».

Пятилетние последовательные усилия Лидера нации привели не только к прекращению вооружённого конфликта, но и к созданию устойчивых политико-правовых механизмов обеспечения мира, а также к возвращению вынужденных мигрантов на Родину. Научный анализ свидетельствует, что Эмомали Рахмон последовательно выступал за единство народа, исключая его разделение на «победителей» и «побеждённых», и выполнил своё обещание обеспечить возвращение каждого гражданина, находившегося за пределами страны.

Особое значение в установлении мира и национального согласия принадлежит личной роли Лидера нации. Его мужество, дальновидность, высокий политический интеллект и ориентированность на гуманистические ценности позволили в условиях крайней нестабильности и военной угрозы

сформировать эффективную стратегию выхода из кризиса. Многочисленные рискованные поездки, переговоры с представителями противоположных сторон и настойчивая дипломатическая деятельность привели к достижению долгожданного мира и восстановлению стабильности на всей территории Республики Таджикистан.

Лидер нации, уважаемый Эмомали Рахмон, положил конец разрушительному внутривоенному конфликту и восстановил конституционный строй в стране. Политическая воля Лидера нации, несмотря на давление предателей и недоброжелателей государства, не была сломлена. Благодаря его мужеству и решимости вооружённое противостояние было прекращено, а миру и стабильности в Республике Таджикистан был обеспечен прочный фундамент. Несомненно, мир, принесённый Лидером нации Эмомали Рахмоном, стал гарантом независимости и устойчивого развития современной таджикской государственности.

Как подчёркивает уважаемый Лидер нации в своём очередном Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан: «Время в череде событий, эпоха в бесчисленных испытаниях, история в обилии политических, экономических, социальных и правовых процессов убедительно доказали, что сделанный выбор был своевременным и верным. Сегодня Таджикистан отмечает тридцатую весну своей независимости, и в различных сферах народного хозяйства достигнуты значительные успехи» [2].

Таким образом, миротворческая правовая школа лидерства уважаемого Лидера нации Эмомали Рахмона представляет собой сформировавшееся в чрезвычайно сложный и противоречивый исторический период идейно-политическое направление, которое приобрело созидательный и государствообразующий характер. Данная политико-правовая школа отличается тем, что власть и её взаимосвязи реализуются в рамках данного института на основе демократических и правовых принципов, при неизменном приоритете государственных и национальных интересов.

Одновременно Лидер нации Эмомали Рахмон в своей миротворческой деятельности опирался на нормативно-правовые акты, прежде всего на Конституцию Республики Таджикистан, восстановив и укрепив конституционный строй в стране.

В этот судьбоносный период особую значимость приобрела роль Конституции Республики Таджикистан как основного закона, обеспечивающего фундамент правового государства. Конституция, соответствующая социально-политическим реалиям и учитывающая требования времени, создала прочные правовые и государственные основы развития общества. Она ознаменовала начало нового этапа политической и общественной жизни и является обязательной для всех граждан, независимо от их политического или социального положения.

Соблюдая принципы, закреплённые в Конституции, в Республике Таджикистан была сформирована государственная система, основанная на разделении государственной власти на три ветви - законодательную, исполнительную и судебную, деятельность которых была гармонизирована и согласована. В результате были приняты конституционно значимые акты, обеспечившие реальное воплощение политической системы, предусмотренной Конституцией.

Конституция Республики Таджикистан фактически выполнила двойную функцию: с одной стороны, как позитивный правовой акт она укрепила основы государственной и политической системы; с другой - усилила нормативную силу законодательно оформленной государственной власти как внутри страны, так и на международной арене. Отличительной особенностью данного конституционного процесса являлось то, что новая власть, находясь в условиях чрезвычайно сложной военно-политической обстановки и продолжающихся вооружённых конфликтов, смогла не только разработать проект Конституции, но и обеспечить его широкое общественное обсуждение, завершившееся принятием Основного закона путем всенародного референдума.

Конституция Республики Таджикистан признаёт народ страны носителем суверенитета и единственным источником государственной власти, объединяя всех граждан республики независимо от их национальности и вероисповедания. В статье 6 Конституции закреплено, что народ осуществляет государственную власть непосредственно либо через своих представителей. Данная норма отражает принцип народного суверенитета и выражает демократическую и правовую сущность государства.

Одновременно Конституция вышла за рамки традиционных представлений о гражданском обществе и содействовала развитию политического плюрализма и идейного многообразия. Согласно статье 28, в Республике Таджикистан деятельность политических партий допускается не только на основе светских ценностей, но и с учётом многообразия общественных взглядов, что способствует формированию законной воли народа и развитию демократической системы.

Конституция Республики Таджикистан, в целях защиты устойчивых основ конституционного строя и обеспечения светского характера государства, предусматривает отделение религиозных организаций от государственной структуры, а также запрещает вмешательство общественных объединений и политических партий в деятельность органов государственной власти. Кроме того, Конституция «запрещает создание и деятельность общественных объединений и политических партий, пропагандирующих расовую, национальную, социальную или религиозную вражду и рознь, либо призывающих к насильственному свержению конституционного строя и формированию вооружённых групп» [1] (ст. 8).

Конституционный закон Республики Таджикистан от 14 ноября 2016 года №1356 «Об Основателе мира и национального единства – Лидере нации» определяет политико-правовой статус Лидера нации как «основателя независимого государства Таджикистан, мира и национального единства, с целью укрепления основ конституционного строя Республики Таджикистан, государственной независимости и территориальной целостности, единства Родины, устойчивости и стабильности таджикской государственности, развития демократии, обеспечения экономического, социального и культурного прогресса, сохранения исторических ценностей национальной государственности, а также создания достойных условий жизни и свободного развития каждого человека» [3].

В рамках указанных стратегических целей и на основе миролюбивой внешней политики 24 сентября 2024 года Президент Республики Таджикистан, Лидер нации, уважаемый Эмомали Рахмон принял участие и выступил на Общих дебатах 79-й сессии Генеральной Ассамблеи Организации Объединённых Наций в городе Нью-Йорк. В своём обращении он отметил, что «обостряющиеся геополитические процессы, ускоренное вооружение, усиление признаков „холодной войны», вооружённые конфликты, последствия изменения климата и иные глобальные угрозы и вызовы неизбежно будут иметь долгосрочные негативные последствия». В этой связи Глава государства предложил Генеральной Ассамблеи ООН принять специальную резолюцию «Десятилетие укрепления мира в интересах будущих поколений» [4].

Актуальность выбранной темы исследования обусловлена тем, что в отечественной юридической науке вопросы конституционно-правового регулирования миротворческой деятельности Лидера нации Эмомали Рахмона до настоящего времени не стали предметом комплексного научного анализа.

**Степень изученности темы исследования.** В современной науке вопросы изучения деятельности Лидера нации и его роли в развитии и совершенствовании науки конституционного права представляют собой уникальное направление исследований. Отечественные и зарубежные учёные анализировали различные аспекты деятельности Лидера нации. Однако в науке конституционного права Республики Таджикистан до настоящего времени отсутствует самостоятельное комплексное исследование, посвящённое миротворческой деятельности Лидера нации Эмомали Рахмона.

